

# НАҚШАИ ШОМИЛСОЗИИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР

*Долонҳои 2, 3 ва 5 оид ба ҳамкории иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ*
*Лоиҳаи роҳи (Обигарм-Нуробод), Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Июли 2019

# НАҚШАИ ШОМИЛСОЗИИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР

*Долонҳои 2, 3 ва 5 оид ба ҳамкории иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ*
*Лоиҳаи роҳи (Обигарм-Нуробод), Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Июни 2019

***Маълумот барои тамос***


Ном: ТАВАРОВ СУЛАЙМОН
Вазифа: Сармутахассис оид ба кӯчонидани аҳолӣ, МТЛБР
Тел: +992 904 22 4711
Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айни 14, ошенаи 4
Почтаи эл.: pirrr@tojikiston.com
Сомона: www.mintrans.tj

*Мундарича*

*Маълумот барои тамос* 2

1 МУҚАДДИМА 4
1.1 ТАЪРИХ 4
1.2 ҳадафҳои нақша 4

2 ТАВСИФИ ЛОИҲА 6
2.1 МАЪЛУМОТ ОИД БА ТАЪРИХИ ЛОИҲА 6
2.2 АЗНАВСОЗИИ БАНАҚШАГИРИФТАШУДА 6
2.3 ТАВСИФИ МУВОФИҚАСОЗӢ 6

3 заминаи қонунгузорӣ оид ба машварат ва ифшои маълумот 9
3.1 талаботи қонунгузории миллӣ 9
3.2 ТАЛАБОТИ батр 11
3.3 ТАЛАБОТИ БОНКИ ОСИЁ ОИД БА САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ИНФРАСОХТОР (БОСРИ) 11
3.4 ТАЛАБОТИ БОР 11
3.5 ТАЛАБОТИ ФОРБ 12
3.6 ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ 12
3.7 пешбурди дафтари умумии қайдҳо оид ба муошират бо ҷонибҳои манфиатдор 12

4 муайянкунии ҷонибҳои манфиатдор 14
4.1 муайянкунии ҷонибҳои асосии манфиатдор 14
4.2 ҷонибҳои манфиатдоре, ки ҳангоми таҳияи нақшаи мазкур муайян гардидаанд 19
4.3 ГУРӮҲҲОИ ОСЕБПАЗИР 20
4.4 ҶАБҲАҲОИ ГЕНДЕРӢ 20

5 машваратҳои кунунӣ ва пешина бо ҷонибҳои манфиатдор 23
5.1 маълумоти фишурда оид ба робитаҳои мавҷуда бо ҷонибҳои манфиатдор ва аҳолӣ 23
5.2 вохӯриҳо бо ҷонибҳои манфиатдор дар рафти баҳодиҳӣ 24

6 барномаи шомилсозии ҷонибҳои манфиатдор 25
6.1 ифшои маълумот 25
6.2 машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ва ифшои маълумот 25
*6.2.1 чорабиниҳо оид ба ифшои маълумот* 26
6.3 методҳои гузаронидани машварат 26
*6.3.1 машварат бо шахсони таъсирдида ва гурӯҳҳои осебпазир* 26
*6.3.2 муҳокимаҳои фокус-группа* 27
6.4 барномаҳои оянда – марҳалаи сохтмон 27

7 нақшу вазифаҳо оид ба ҳисоботдиҳӣ 33
7.1 механизми мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва пешниҳоди фикру ақида 33

8 Тартиби қабул ва баррасии шикоят 34
8.1 Механизми қабул ва баррасии шикоят 34
8.2 НАҚШУ ВАЗИФАҲО 37

**Замимаи 1 – Варақаи бақайдгирии шикоят** 45

# 1 МУҚАДДИМА

## 1.1 ТАЪРИХ

Ҳуҷҷати мазкур Нақшаи шомилсозии ҷонибҳои манфиатдор (НШҶМ) буда, барои Вазорати нақлиёт ҷиҳати муайян намудани роҳу нақшаҳои пешниҳоди маълумот оид ба масъалаҳои зерин таҳия гардидааст; бо дарназардошти он, ки бо мақсади истифодаи потенсиали гидроэнергетикии дарёи Вахдат дар масофаи 100км аз қисмати шарқии ш. Душанбе сарбанди НБО-и "Роғун" сохта шуда истодааст, оид ба сохтмони роҳи нав дар қитъаи М-41 дар доираи Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ (БҲИМОМ) (долонҳои 2, 3 ва 5) дархост пешниҳод гардидааст. Пас аз он, ки обанбор пур мешавад, қитъаи роҳи М-41 зери об мемонад. Дар доираи лоиҳа бояд роҳи наве иборат аз 76км дар қитъаи М-41 дар қаторкӯҳе дар тарафи шимоли водии дарёи Вахдат сохта шавад.

Дар НШҶМ тафсири қонунгузории дахлдори миллӣ, Сиёсати экологиву иҷтимоии (СЭИ)-и Бонки Аврупо оид ба таҷдид ва рушд (БАТР) аз соли 2014, Сиёсати экологиву иҷтимоии Бонки Осиё оид ба сармоягузорӣ дар рушди инфрасохтор (БОСРИ) аз соли 2016, талаботи Сиёсати Бонки осиёгии рушд (БОР) оид ба ҳифзи муҳити зист, Стратегияи Фонди ОПЕК[1] оид ба рушди байналмилалӣ (ОФИД) дар ҷодаи шарикии умумиҷаҳонӣ барои ҳамкории самаранок дар соҳаи рушд ва чор принсипи рушд, роҳнамоҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ вобаста ба ифшои маълумот оварда шуда, роҳу воситаҳои умумӣ вобаста ба шомилсозии ҷонибҳои манфиатдор ва машваратҳо бо ҷомеа зикр гардидааст.

НШҶМ хуҷҷате дар амал истифодашаванда буда, он бояд давра ба давра ва бо дарназардошти чорабиниҳо ва тағйирот дар тарҳи лоиҳа ва ҷонибҳои манфиатдори нави муайянгардида мавриди таҷдиди назар қарор дода шуда, нав карда шавад. Илова ба ин, иттилоот оид ба баҳодиҳии вазъи экологӣ дар сомонаи барои ҷамъият дастрас ҷойгир карда шудааст, мардум ҳуқуқ дорад, ки барои дастрасӣ ба он дархост ирсол намояд.

НШҶМ як қисми бастаи хуҷҷатҳо барои ифшо мебошад, ки дар доираи Лоиҳаи мазкур таҳия гардида, аз хуҷҷатҳои зерин иборат аст: Баҳодиҳии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ (БТЭИ), Маълумоти мухтарас оид ба масоили ғайритехникӣ (МҒТ), Нақшаи ҷудокунии замин ва кӯчонидани аҳолӣ (НҶЗКА), Нақшаи амал оид ба ҳалли масоили экологиву иҷтимоӣ (НАЭИ) ва Нақшаи идоракунии масоили экологиву иҷтимоӣ (НИЭИ). Ҳамаи хуҷҷатҳои мазкур тавассути роҳҳои махсусан муайяншуда дар Қисмати 6.2 НШҶМ-и мазкур барои ҷамъият ифшо карда мешавад.

Ҳадафҳои мушаххаси НШҶМ дар зер оварда ба таври муфассал оварда шудааст.

## 1.2 ҲАДАФҲОИ НАҚША

Мақсади аз таҳияи НШҶМ пешниҳод намудани маълумот оид ба метод, тартибот, сиёсат ва чорабиниҳое мебошад, ки аз ҷониби Маркази амалисозии лоиҳаҳо оид ба барқарорсозии роҳҳо (МАЛБР) дар назди Вазорати нақлиёт (ВН) ("Мизоҷ") амалӣ карда мешавад, иборат аст. Мақсад ба иттилои ҷонибҳои манфиатдор тавассути ҷалби бевоситаи онҳо ва саривақт расонидани маълумот оид ба таъсири эҳтимолии лоиҳа мебошад.

Ҷомеа метавонад НШҶМ-ро дар ошёнаи 5-и бинои Вазорат воқеъ дар суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 14 дастрас намуда, бо он шинос шавад. Нусхаҳои чопкардашудаи НШҶМ дар идораи ВН ва дар деҳаҳои муайяншуда, ки маълумот дар бораи онҳо дар қисмати 6.2 оварда шудааст, таъмин карда мешавад. Ҳам НШҶМ ва ҳам МҒТ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод карда мешавад. Илова бар ин, брошюраи иттилоотӣ оид ба лоиҳа пеш аз оғози сохтмон паҳн

[1] Созмони кишварҳои содиркунандаи нафт (ОПЕК)

карда мешавад, ки дар он нуқтаҳои калидӣ фаро гирифта мешавад, барои маълумот оид ба брошюраи пешниҳодшаванда ниг. ба қисмати 6.2 ва замимаи 3.

Мақсад аз шомилсозии ҷонибҳои манфиатдор ва машварат бо онҳо пешниҳоди маълумот ва беҳтар намудани ҷараёни қабули қарор дар доираи лоиҳа ва таъмин намудани фаҳмиши шахсон, гурӯҳ ва ташкилотҳои фаъолона иштироккардаистода оид ба корҳои лоиҳа мебошад. Он барои ба даст овардани мақсадҳои зерин кӯмак мерасонад:

- Муайян ва ҷалб намудани тамоми гурӯҳҳову фардҳои алоҳидае, ки эҳтимолан дар зери таъсири лоиҳа мемонанд;
- Таъмини тасаввуроти хуб оид ба лоиҳа дар байни он шахсоне, ки ба онҳо лоиҳа таъсир мекунад ва ё манфиатнок ҳастанд;
- Саривақт муайян кардани мушкилот дар давраи лоиҳа, ки метавонад нисбати лоиҳа ва ё ҷонибҳои манфиатдори он хатар эъҷод намояд;
- Таъмини чораҳои қобили қабули ҳалли масъала (то ки чораҳои дидашаванда татбиқпазир, самаранок ва камхарҷ бошанд); ва
- Таъсиси низоми муошират дарозмуддат байни таҳиякунандагони лоиҳа ва ҷомеаҳое, ки барои ҳамаи тарафҳо фоидаовар мебошад.

# 2 ТАВСИФИ ЛОИҲА

## 2.1 МАЪЛУМОТ ОИД БА ТАЪРИХИ ЛОИҲА

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли 2019 ба Бонки аврупоӣ оид ба таҷдид ва рушд (БАТР) бо дархосте оид ба пешниҳоди қарзи кафолатноки давлатӣ барои дар якҷояги бо Бонки осиёгии рушд (БОР), Фонди ОПЕК оид ба рушди байналмилалӣ (ФОРБ), ва Бонки Осиё оид ба сармоягузорӣ дар рушди инфрасохтор (БОСРИ) ҳаммаблағгузорӣ намудани марҳалаи чоруми лоиҳаи беҳтарсозии роҳи Душанбе - Қарамиқ то сарҳади Ҷумҳурии Қирғизистон мурочиат намуд. Роҳи пешниҳодшуда ба ҷои як қисмати роҳи мавҷудаи М-41 байни Обигарм ва Нуробод, ки пас аз пуршавии обанбори НБО "Роғун" дар зери об мемонад, сохта мешавад. Дарозии умумии роҳ тақрибан 340км буда, 265км он дар доираи марҳалаҳои пешинаи I, II and III бо маблағгузории БОР таҷдид карда шудааст.

Қисмати боқимонда дар доираи марҳалаи IV тақрибан 75км-ро ташкил медиҳад (минбаъд ҳамчун "Лоиҳа" ном гирифта мешавад). Он аз Обигарм оғоз гардида, то наздикии маркази ноҳияи Нуробод тӯл мекашад.

## 2.2 АЗНАВСОЗИИ БАНАҚШАГИРИФТАШУДА

Лоиҳа як қисми долони байналмилалии БҲИМОМ-ро ташкил медиҳад, ки аз шарқ ба ғарби кишвар тӯл кашида, Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Чин пайваст мекунад. Лоиҳа аз ноҳияҳои Роғун ва Нуробод, ки дар айни ҳол 7 ҷамоатро дар бар мегирад, гузашта, инчунин ба 17 деҳа ва ҷамоатҳоеро, ки дар онҳо роҳҳои маҳаллӣ дар ҳолати бади нигоҳдорӣ қарор дошта, ба роҳи мавҷуда М41 пайваст мешаванд, хизмат хоҳад расонид.

Сохтмони қисмати бештари роҳи иловагӣ (объездной) бояд аз ҳама дер то моҳи ноябри соли 2023, ки то он замон сатҳи баландшудаистодаи об дар обанбори НБО якчанд қитъаҳои муҳими роҳи мавҷуда зери об мегузорад, ба охир расида, он ба истифода дода шавад. Ягон қисми дигари шабакаи роҳҳои ҷумҳуриявии Тоҷикистон барои ҳаракат дар ин самт масири алтернативии иқтисодӣ пешниҳод карда наметавонад, ва ягона масири алтернативие, ки имконпазир аст, тақрибан 500км дур мешавад.

## 2.3 ТАВСИФИ МУВОФИҚАСОЗӢ

Мақсади лоиҳаи пешниҳодшудаи роҳи Обигарм – Нуробод (инчунин ҳамчун роҳи иловагии Роғун ном гирифта мешавад) сохтмони тақрибан 75км роҳи алтернативӣ ("Роҳи лоиҳа" ба роҳи мавҷудаи М41 мебошад, ки қисмати шимолушарқии Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар байни Обигарм (72км) ва Нуробод (158км) пайваст мекунад ва бо мақсади сохтмони обанбори НБО-и "Роғун", ки дар айни ҳол сохтмони он давом дорад, зери об мемонад.

Роҳи лоиҳа ба се қитъа тақсим карда шудааст: (1) қитъаи Обигарм – Тагикамар, ки масофааш тақрибан 30км буда, 2 нақби дарозии ҳар яки он 1.6км ва 1.7км ва роҳҳои маҳаллии дарозиашон тақрибан 30км-ро дар бар мегирад, (қитъаи 1); (ii) Тагикамар – Нуробод, масофааш тақрибан 44км буда, 1 нақби дарозиаш 2.6км ва як пули муваққатии дароз ва роҳҳои маҳаллии дарозиашон тақрибан 40км-ро дар бар мегирад (қитъаи 2); ва (iii) қитъаи 3 аз як пули дарозиаш тақрибан 760м ва қисмҳои дастрасӣ ба он иборат аст. Қитъаҳои мазкур ба се бастаи шартномавӣ, ки ҳар яки он дар алоҳидагӣ тавассути озмуни кушода ба имзо расонида мешавад, мувофиқ меояд.

Бастаи 1 тавассути гранти БОР бо маблағи 110 миллион доллари ИМА ва қарзи ФОРБ бо маблағи 40м дол. ИМА маблағгузорӣ мешавад. Бастаи 1 аз қитъаҳои зерини роҳ иборат аст: қитъаи 1 - Ҷавонӣ – Қандак; қитъаи 2 - Газакён – Себнок (Лугур); ва қитъаи 3 - Ҳакимӣ – Сиёҳгулак; аз ҷумла кӯпруки № 1 то кӯпруки № 6 ва нақби № 1 (нақби "Қандак") ва нақби № 2 (нақби "Қарағоч"), ки бо даромадгоҳи кӯтоҳи қисми ғарбии нақби № 3 (нақби "Тагикамар") ба охир мерасад.

Бастаи 2 аз ҳисоби қарзи БАТР ба маблағи 150 миллион дол. ИМА маблағгузорӣ карда мешавад. Бастаи 2 аз қитъаҳои зерини роҳ аз 33-юм км иборат аст: қитъаи 4 - Муҷиҳарв-Алихоҷа, қитъаи 5 - Алихоҷа – Тутхор; қитъаи 6 - Тутхор – Кабудиён (Самсолик); қитъаи 7 - Кабудиён – Хумдон, аз ҷумла кӯпруки № 7 то кӯпруки № 13, нақби № 3 (нақби “Тагикамар”) ва кӯпруки муваққатӣ аз болои обанбори НБО “Роғун” дар Дарбанд дар болои дарёи Сурхоб.

Бастаи 3 аз ҳисоби қарзи БОСРИ бо маблағи 40 миллион дол. ИМА маблағгузорӣ гардида, кӯпруки дарози доимии (дарозиаш 760м) воқеъ дар болои обанбори НБО “Роғун” дар Дарбанд дар болои дарёи Сурхобро фаро мегирад.

Занҷираи мутаносиб дар ҷадвали 1 зерин оварда шудааст:

**Ҷадвали 1 – Занҷираи маблағгузории мутаносиб**

| **Қитъа** | **Маблағгузор** |
|---|---|
| Қитъаи 1: Км 0+000 то Км 30+217 | БОР/ФОРБ |
| Қитъаи 2: Km 30+217 то Km 75+600, камтар аз қитъаи Бастаи 3, ки Km 72+900 то Km 74+303 тӯл мекашад. | БАТР |
| Қитъаи 3: Km 72+900 то Km 74+303 аз ҷумла кӯпруки дарозиаш 760м | БОСРИ |

Роҳи ҳозира бо мақсади сохтани тарҳи роҳи категорияи III[2] васеъ карда мешавад, барои ҳамин зарур мешавад, ки баландиҳои атрофи роҳ дар минтақа ва бо мақсади корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бурида шавад.

**Расми 1 – Роҳи мавҷудаи M41 ва варианти пешниҳодшаванда барои иваз кардани он**



*Сарчашма: Тоҷикистони ҷанубӣ – харитаи сайёҳӣ, ширкати Геко мепс (Gecko Maps). www.geckomaps.com*

2 Мутобиқи стандартҳо дар роҳи категорияи I суръати лоиҳавӣ 120км/с -ро ташкил дода, иқтидори роҳ аз 4 ва ё зиёда хати ҳаракати бари ҳар яки он 3.75м иборат мебошад, дар роҳи категорияи II суръати лоиҳавӣ 100км/с -ро ташкил карда, иқтидори он аз 2 хати ҳаракати бараш 3.75м иборат аст. Дар роҳи категорияи III суръати лоиҳавӣ 80км/с-ро ташкил намуда, иқтидори роҳ аз 2 хати ҳаракати бари ҳар яки он 3.5м иборат аст.
Гранти пешниҳодшудаи БОР (2010), Долони 3 БҲИМОМ 3 [онлайн] дар сомонаи зерин мавҷуд аст: https://www.gtai.de/GTAI/Content/DE/Trade/Fachdaten/PRO/2011/02/P19202.pdf?v=6

Имконсанҷии техникиву иқтисодӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳо оид ба роҳи мазкур мутобиқи категорияи техникии гурӯҳи IV[3] соли 1975 оғоз гардидааст. Соли 1984 лоиҳа тасдиқ гардида, сохтмони он оғоз гардидааст ва то соли 1992 давом ёфтааст. Дар давоми давраи мазкур корҳои заминмустаҳкамкунӣ[4], сохтмони чор кӯпрук ва баъзе заҳбурҳо[5] ба анҷом расонида шудааст. Корҳо оид ба сохтмони ду нақб (Қандак ва Қарағоч) инчунин оғоз гардидаанд, аммо аз сабаби маҳдудияти маблағгузорӣ корҳо ниҳоят суст пеш рафтааст. Дар аввали соли 1990 пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ лоиҳа мавқуф гузошта шудааст. Бо ҳамин дигар лоиҳа аз нав оғоз нагардида, бештари корҳои пештар баанҷомрасида (иншоотҳои муҳофизат аз сангборон ва мустаҳкамкунӣ) хароб гардидааст ва ҳоло бояд аз нав таъмир карда ва ё сохта шавад.

Варианти росткунии роҳи пешниҳодшуда умуман ҳамчун худи ҳамон варианте, ки дар даврони шӯравӣ омӯхта шуда интихоб гардидааст, бо дарназардошти он, ки корҳои асосии заминӣ барои чунин росткунӣ аллакай муайян шуда буд, боқӣ мемонад.  Баъзе ислоҳҳо ба варианти аввалаи росткунӣ мувофиқа гардидаанд. Роҳ мутобиқи талаботи МКШ 32-02-2012 барои шоҳроҳҳо (Роҳнамои Қазоқистон оид ба тарҳи роҳ), ки дар он стандартҳои СНиП 2.05.02-85[6] истифода гардида, ба он мувофиқ мебошад, тарҳрезӣ гардидааст.

**Расми 2 – Схемаи росткунӣ бо нишондоди мавзеи ҷойгиршавии кӯпрукҳо, нақб ва нуктаҳои дастрасӣ**




*Сарчашма: Ҳуҷҷат оид ба БТЭ*

Дар доираи лоиҳа ҷудо намудани замин ва моликият зарур мешавад. Нақшаи ҷудокунии замин ва кӯчонидани аҳолӣ дар асоси маълумоти муфассал оид ба тарҳ ва рӯйхати дороиҳои таъсирдида таҳия гардидааст ва он дар речаи онлайн дар сомонаҳои БАТР (www.ebrd.com) ва ВН (www.mintrans.tj) дар доираи баста оид ба ифшои маълумот ба ҷомеа ҷойгир карда мешавад. Нусхаҳои чопкардашудаи ҳуҷҷат дар суроғаи ВН, ки дар боло зикр гардидааст, ва дар идораҳо дар деҳаҳои муайянгардида дастрас карда мешавад (муфассалтар дар Замимаи 2 оварда шудааст).

[3] Дар асоси стандартҳои шӯравии дар ҳамон вақт мавҷуда. Гурӯҳбандии мавҷудаи роҳро метавонед дар Бахши 3 оид ба БТЭИ дарёфт намоед.

[4] Корҳои заминӣ кофтани замини мавҷуда то сатҳи мувофиқ бо мақсади оғоз кардани сохтмонро ифода мекунад. Ин кор метавонад дар намуди кофтани замин тавассути бурриш ва ё сохтани иншоотҳои мустаҳкамкунӣ барои сохтани роҳ дар баландҷойҳо сурат гирад.

[5] Нақб ин гузаронидани маҷро ва ё заҳбури кушода дар таги роҳ мебошад.

[6] Меъёр ва қоидаҳои сохтмон оид ба тарҳи тамоми намуди шоҳроҳҳо, роҳҳои автомобилгард ва кӯчаҳои шаҳрӣ.

# 3 ЗАМИНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА МАШВАРАТ ВА ИФШОИ МАЪЛУМОТ

## 3.1 ТАЛАБОТИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ

**Ҷараёни тасдиқи баҳодиҳии таъсир ба муҳити зист**

Тартиботи миллӣ оид ба баҳодиҳии таъсир ба муҳити зист (БТМЗ) дар асоси Қарори Ҳукумати ҶТ таҳти рақами 532 муайян гардидааст. Мутобиқи қарор ташаббускори лоиҳа барои гузаронидани БТЭ ӯҳдадор буда, ташхиси давлатии таъсир ба муҳити зист дар доираи ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ масъулияти Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ (КҲМЗ) ва намояндагиҳои он дар минтақаҳо мебошад. Илова ба ин, мутобиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист" аз соли 2018 КҲМЗ тамоми корҳои сохтмонӣ, аз ҷумла барқарорсозиро бояд аз нуқтаи назари таъсиррасонӣ ба муҳити зист арзёбӣ намуда, чораҳои бартарафкунанда пешниҳод намояд ва мониторинг кунад. Дар Бахши 2.6 оид ба БТМЗ-и лоиҳа маълумот оид ба заминаи қонунгузории ҶТ вобаста ба БТМХ, иҷозатнома ва иҷозат дар соҳаи муҳити зист оварда шудааст.

Санаи 17 июли соли 2001 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсияи Орхус оид ба дастрасӣ ба иттилоот, иштироки аҳли ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасии адолати судӣ доир ба масъалаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист шомил гардид. Муқаррароти конвенсияи мазкур дар бораи ҳуқуқ ба гузаронидани арзёбии давлатӣ таъсиррасонӣ ба муҳити зист аҳ муқаррароти қонунҳои миллӣ волотар аст.

Мутобиқи қонун, дар доираи ҳама гуна лоиҳае, ки БТМЗ гузаронида мешавад, аҳолӣ ҳуқуқ дорад худ баҳодиҳии ҷамъиятии таъсиррасонӣ ба муҳити зистро то оғози кор ва ё ҳамзамон бо раванди БТМЗ-и давлатӣ оғоз намояд. Баҳодиҳии ҷамъиятии таъсиррасонӣ ба муҳити зист мутобиқи қонунгузории миллӣ ҳатмӣ нест. Натиҷаҳои баҳодиҳии ҷамъиятӣ хусусияти тавсиявӣ дошта, ҳангоми раванди баҳодиҳии давлатӣ бояд ба назар гирифта шавад.

БТМЗ мутобиқи муқаррароти пешбининамудаи қонунгузорӣ аз ҷониби як коршинос ва ё комиссияи коршиносон гузаронида мешавад. Мутобиқи қонун оид ба БТМЗ[7], вобаста аз муҳимияти таъсиррасонӣ ба муҳити зист, ба лоиҳа категорияи "А", "Б", "В" ва "Г" дода мешавад. Категорияи "А" "хатари баланд", категорияи "Б" "хатари сатҳи миёна", категорияи "В" "хатари паст" ва категорияи "Г" "хатари камтарин ва ё набудани хатар"-ро ифода мекунад. Ба лоиҳаи мазкур дар ҷодаи таъсиррасонӣ ба муҳити зист (шоҳроҳҳои дорои аҳамияти миллӣ) категорияи "А" дода шудааст.

Ҷомеа ҳуқуқ дорад, ки гузаронидани муҳокимаи ҷамъиятиро талаб намояд. Барои лоиҳаҳои категорияи "А" мақоми давлатии салоҳиятнок (МТЛТР ВН) бояд НШҶМ таҳия намуда, барои гузаронидани машваратҳо ва ба назар гирифтани фикри шаҳрвандон имконият фароҳам орад. Бояд зикр намуд, ки НШҶМ-и мазкурро метавон ҳангоми машваратҳо истифода бурд ва зарурат ба таҳияи дигар НШҶМ-и алоҳида вуҷуд надорад.

Баррасии ҳуҷҷатҳо вобаста аз категорияи лоиҳа метавонад то 60 рӯзро гирад. Дар натиҷаи баррасӣ аз ҷониби сохтори давлатӣ хулосаи мусбӣ ё манфӣ пешниҳод карда мешавад. Хулосаи мусбӣ дар аксари ҳолатҳо бо тавсияҳо, масалан вобаста ба гирифтани иҷозати иловагӣ (партовҳои газ ба атмосфера, тозакунии партовобҳо ва партов) ва чораҳо оид ба беҳтар намудани муҳити атроф пурра карда мешавад. Хулоса дар давоми мӯҳлати истифодабарии технологияи дахлдор эътибор дорад. Агар ба раванди кор ё технологияҳо дигаргунӣ ворид карда шавад, ки

[7] Замимаи 1 ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 532

он дар натиҷа метавонад ба муҳити зист таъсири бузургтар ва камтар расонад, баҳодиҳии нав бояд гузаронида шавад.

Лоиҳаи роҳи мазкур дар доираи талаботи қонунгузории миллӣ тахти БТМЗ қарор дода шуда, пеш аз оғози корҳои сохтмонӣ ва фаъолияти лоиҳа бояд хулосаи мусбии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шавад.

*Механизми қабул ва баррасии шикоятҳо*
Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон норозигиҳо тавассути механизми қабул ва баррасии шикоят дар ҷамоатҳо (мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия) ё мурoҷиат ба суд ҳал карда мешавад. Ба МТЛТР ҳамчун воситаи расмӣ ҷиҳати муайян ва ҳал кардани масъалаҳои нигаронкунанда ва шикоятҳои аҳолӣ зарур аст, ки механизми қабул ва баррасии шикоят (МҚБШ)-еро таъсис диҳад, ки он тавонад арзу шикоятҳои мардуми таъсирдидаро вобаста ба лоиҳа қабул ва ҳаллу фасл намояд.

ВН дархост намуд, ки МҚБШ дар сатҳи ҷамоат (шаҳрак) таъсис ва рушд дода шавад. Комиссияи қабул ва баррасии шикоят (КҚБШ) дар сатҳи деҳа дар ҳар як деҳаи татбиқи лоиҳа таъсис дода шуда, дар сатҳи мазкур 17 КҚБШ фаъол аст.

Маълумоти муфассалро оид ба тартиботи қабул ва баррасии шикоят дар доираи лоиҳаи мазкур метавонед дар бахши 8.1 НШҶМ-и мазкур дарёфт намоед.

*Ҷудокунии қитъаи замин ва кӯчонидани аҳолӣ*
Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон қонун ё ҳуҷҷати стратегӣ оид ба танзими масоили кӯчонидани аҳолӣ ва ё ҷудокунии қитъаи замин ё бегонакунии ҳуқуқ ба (бозори) истифодаи замин ва моликияти ғайриманқул барои ниёзи давлат ё ҷамъият вуҷуд надорад. Зиёда аз ин, ягон қонуни алоҳидае нест, ки пурра меъёр ва механизмҳои муайянкунии арзиши пурра ва боадолати заминро дар бозор пешбинӣ намояд. Санадҳои ҳуқуқии калидии танзимкунандаи муносибатҳои идоракунии замин ва ҳуқуқи соҳибият ба моликияти ғайриманқул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зерин иборат аст:

- § Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994, соли 2003 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст)
- § Кодекси замин (соли 2012 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст)
- § Кодекси замин (соли 2008 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст)
- § Кодекси граждани (соли 2007 тағйироту иловаҳо ворид карда шудааст)
- § Низомнома “дар бораи ҷуброни талафот ба истифодабарандагони замин ва талафоти маҳсулоти кишоварзӣ” (бо Қарори Ҳукумати ҶТ № 515 аз соли 2000 тасдиқ гардидааст)

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси замин ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои асосие мебошанд, ки қонунгузорӣ бар онҳо асос меёбад. Заминаи меъёрҳо барои лоиҳа дар асоси талаботи БАТР таҳия гардида, инчунин меъёрҳои дигар ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ба монанди БОР, ФОРБ ва БОСРИ, ки масоили роҳандозии лоиҳаро пурра фаро мегирад, ва қонун, санадҳои меъёриву ҳуқуӣ ва стратегияҳои қобили қабул истифода бурда мешавад. Дар ҳолати мавҷудияти фарқият дар байни қонунҳои миллӣ ва сиёсату стратегияи БОР, дар доираи лоиҳаи мазкур масъалаи кӯчонидани аҳолӣ бо истифода аз ҳуҷҷатҳои БОР ҳаллу фасл карда мешавад. Маълумоти муфассал оид ба заминаи қонунгузорӣ вобаста ба ҷудокунии қитъаи замин ва кӯчонидани аҳолӣ дар бахши 2 ҳуҷҷат оид ба БТЭИ оварда шудааст.

## 3.2 ТАЛАБОТИ БАТР

Дар татбиқи Лоиҳа бояд Сиёсати БАТР оид ба масоили экологӣ ва иҷтимоӣ аз соли 2014[8] ва 10 талаботи БАТР оид ба иҷрои корҳо (ТК) риоя карда шавад. Лоиҳа аз рӯи талаботҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 8 ва 10 оид ба иҷрои корҳо баҳогузорӣ карда шудааст. Талаботи БАТР оид ба иҷрои корҳо № 7 (мардуми таҳҷоӣ) ва № 9 (миёнаравҳои молиявӣ) қобили истифода нестанд, зеро дар минтақаи татбиқи лоиҳа мардуми таҳҷоӣ вуҷуд надорад ва ягон миёнарави молиявӣ ҷалб нагардидааст. Талаботи асосӣ оид ба иҷрои корҳо вобаста ба машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ва ифшои маълумот ин ТК № 10 мебошад. Талаботи дахлдори калидии ТК-и мазкур зеринро дар бар мегирад:

**Ҷадвали 2 Талаботи ТК 10-и БАТР**

- Муайян намудани фард ё гурӯҳҳои гуногуне, ки ба онҳо Лоиҳа таъсир расонидааст ва ё эҳтимолияти чунин таъсир вуҷуд дорад ё дар Лоиҳа манфиат доранд.
- Муайян кардани фард ё гурӯҳҳое, ки метавонанд ба таври гуногун ва ё нобаробар аз сабаби надоштани имконият ва ё вазъияти осебпазирӣ дар зери таъсири лоиҳа монанд. Шояд дар доираи лоиҳа зарурати истифодаи методҳои гуногуни шомилсозӣ аз сабаби масъалаҳои аз ҳамдигар фарққунанда ба монанди синну сол, ҷинс ва миллат ба миён ояд.
- Ифшо намудани маълумоти ба лоиҳа дахлдор дар байни ҷонибҳои таъсирдида; маълумот бояд дастрас ва аз нуқтаи назари фарҳанг қобили қабул бошад.
- Гузаронидани машваратҳои фарогир бо ҷонибҳои таъсирдида; дидани чораҳои зарурӣ, то машваратҳо фарогир, аз нуқтаи назари фарҳанг қобили қабул бошанд ва бо забони маҳаллӣ доир карда шаванд.
- Таъсиси механизм, раванд ё тартиби самараноки қабул ва баррасии шикоят оид ба қабул ва мусоидат ба ҳалли масъалаҳои нигароникунандаву шикоятҳои ҷонибҳои манфиатдор.

## 3.3 ТАЛАБОТИ БОНКИ ОСИЁ ОИД БА САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ИНФРАСОХТОР (БОСРИ)

Сиёсати экологиву иҷтимоии[9] Бонки Осиё оид ба сармоягузорӣ дар рушди инфрасохтор (БОСРИ) масъалаҳои суботи экологӣ ва иҷтимоиро фаро гирифта, нақши БОСРИ-ро дар ҳалли масоили вобаста ба рушди босубот дар минтақаи Осиё муайян мекунад. Мутобиқи сиёсати экологиву иҷтимоӣ (СЭИ) гузаронидани баҳодиҳии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ дар доираи ҳар як лоиҳа ҳатмӣ буда, дар он инчунин стандартҳои экологӣ ва иҷтимоӣ муайян гардидааст.

Стандартҳои ҳатмии экологиву иҷтимоӣ (СЭИ)-и марбут ба талаботи муфассали экологиву иҷтимоии лоиҳа дар зер оварда шудааст.

- СЭИ 1: Арзёбӣ ва идоракунии масоили экологиву иҷтимоӣ
- СЭИ 2: Кӯчонидани маҷбурӣ

## 3.4 ТАЛАБОТИ БОР

Дар доираи лоиҳа бояд Сиёсати БОР оид ба чораҳои ҳифзкунанда (2009), ки дар асоси сиёсати пешинаи ҳифзи муҳити зист, кӯчонидани маҷбурӣ, мардуми таҳҷорӣ бо мақсади мусоидат ба суботи натиҷаҳои лоиҳа тавассути ҳифзи муҳити зист ва одамон аз натиҷаҳои эҳтимолии манфии лоиҳа ба воситаи роҳ надодан ба оқибатҳои ногувори лоиҳа ба муҳити зист ва мардуми рабтдошта таҳия гардидааст, риоя карда шавад.[10]

---

[8] Сиёсати экологиву иҷтимоии БАТР (2014) [дар сомонаи интернет] дар ишораномаи зерин дастрас аст: https://www.ebrd.com/news/publications/policies/environmental-and-social-policy-esp.html

[9] Сиёсати экологиву иҷтимоии БОСРИ (2016) [дар сомонаи интернет] дар ишораномаи зерин дастрас аст: https://www.aiib.org/en/policies-strategies/_download/environment-framework/20160226043633542.pdf

[10] Сиёсати БОР оид ба чораҳои ҳифзкунанда (2009). [дар сомонаи интернет] дар ишораномаи зерин дастрас аст: https://www.adb.org/sites/default/files/institutional-document/32056/safeguard-policy-statement-june2009.pdf

## 3.5 ТАЛАБОТИ ФОРБ

ФОРБ дар якҷоягӣ бо ҳукуматҳои кишварҳои баҳрабаранда ва дар бештари ҳолатҳо бо дигар ташкилотҳои кӯмакрасон, аз ҷумла бонкҳои рушди минтақавӣ, сохторҳои СММ ва ташкилотҳои рушди дуҷонибаву бисёрҷонибаи кишварҳои узви ОПЕК лоиҳаҳои давлатиро ҳаммаблағгузорӣ мекунад. Шарикии глобалии мазкур оид ба ҳамкорӣ дар ҷодаи рушди самаранок бо пайгирии чор принсипи умумии рушд: пешбурди афзалиятҳои рушд аз ҷониби кишварҳои рушдёфтаистода, диққати хоса ба натиҷаҳо, ҳамшарикии фарогир ва шаффофияту ҳисоботнокӣ, ва бо мақсади мусоидат ба субот, ФОРБ дар доираи лоиҳаҳои давлатӣ ба рушди нерӯъ ва тақвияти институтсионалӣ эътибор медиҳад.

## 3.6 ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМИ БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

Принсипҳои калидии шомилсозии фарогир ва самаранок дар татбиқи лоиҳа дар зер оварда шудааст:

- Пешниҳоди маълумоти эътимоднок дар шакли осон ва забони фаҳмо ва ба ниёзҳои гурӯҳ(ҳо)и ҷонибҳои манфиатдор мутобиқгардонидашуда.
- Пешниҳоди маълумот қабл аз чорабиниҳои машваратӣ ва қабули қарор.
- Пешниҳоди маълумот бо истифодаи воситаҳои қулай ва дар ҷойҳои барои ҷонибҳои манфиатдор дастрас ва аз нуқтаи назари фарҳанг қобили қабул.
- Эҳтиром нисбат ба анъана, забон, вақти корӣ ва чараёни қабули қарор дар маҳалҳо.
- Муколамаи дуҷонибае, ки ба ҳардуи ҷонибҳо барои табодули назар ва иттилоот, барои ҳамдигарро гӯш кардан, дар бораи мушкилоти ҳамдигар фаҳмидан ва ҳалли онҳо имконият фароҳам меорад.
- Фарогирона пешниҳод намудани нуқтаи назари ҷонибҳо, аз ҷумла намояндагони гурӯҳҳои аз нуқтаи назари синну сол, ҷинс, осебпазирӣ ва ё ақаллият гуногун.
- Ҷараёни озод аз тарсонидан, маҷбурсозӣ ё ҳавасмандсозӣ.
- Механизмҳои возеҳи эътино ба мушкилот, пешниҳод ва шикояти мардум.
- Дар ҳолатҳои қобили қабул ва татбиқпазирӣ, ворид намудани фикру ақида ба тарҳи лоиҳа ё барнома ва ҳисобот додан дар назди ҷонибҳои манфиатдор.

Принсипҳои мазкур вобаста аз номутобиқат байни қонунгузории миллӣ, талаботи БОР, талаботи БАТР ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ аз ҷониби мизоҷ баррасӣ гардида, мутаносибан қабул карда мешавад.

## 3.7 ПЕШБУРДИ ДАФТАРИ УМУМИИ ҚАЙДҲО ОИД БА МУОШИРАТ БО ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР

Сабти машваратҳо, суратҷаласаҳои вохӯриҳо ва маводҳои марбут ба машваратҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ аз ҷониби ҷамоат дар маҳалҳо ва Мушовири масъул оид ба ҳамкорӣ бо ҷомеа (МҲҶ) пеш бурда шуда, дар онҳо иттилооти асосии ба ҷонибҳои манфиатдор пешниҳодшуда ва муросилот, шикоятҳо ва саволҳои воридгашта якҷо бо маълумоти мухтасар оид ба чораҳои дидашуда ба таври мушаххас дарҷ карда мешавад. Маълумот оид ба тамос бо ҷамоатҳои маҳаллӣ ва Мушовир оид ба ҳамкорӣ бо ҷомеа (МҲҶ) дар замимаи 2 дар НШҶМ-и мазкур оварда шудааст.

Ҳамчун як қисми қоидаҳои муошират ҷамоатҳои маҳаллӣ ва МҲҶ-ҳо ба таври мунтазам корҳои вобаста ба ҷалби ҷонибҳои манфиатдор иҷрошударо сабт карда, доимо нав карда меистанд. Қайдҳои мазкур ба МТЛТР ҳар моҳ як маротиба фиристода мешавад. МТЛТР ҳисоботи солона омода месозад, ки он ба БАТР ва дигар ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ дар шакли фишурда оид ба корҳои иҷрошуда ва мавзӯҳои калидии аз ҷониби шахсони зарардида бардоштшуда пешниҳод карда мешавад.

Ҳам раисони ҷамоатҳо ҳамчун шахсони масъул ва МҲҶ-ҳои интихобшуда бо ҷомеа дар маҳалҳо аз номи ҷамоат ҳамкорӣ мекунанд. Одатан Котиби ҷамоат нақши МҲҶ-ро иҷро мекунад.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳар як деҳа ақаллан як нафар зани роҳбар ҳаст, ки ҳамчун шахси масъул барои ҳамкорӣ бо занон дар деҳаи худ, ки мехоҳанд масъалаҳои худро бардоранд, фаъолият мекунад. Номи занҳое, ки метавон бо онҳо ба тамос баромад, дар Замимаи 2 оварда шудааст. Мардум инчунин метавонанд бо мушкилоти худ ба Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ККЗО) муроҷиат намоянд. Бояд дар байни МҲҶ ва ККЗО робитаи муошират ба роҳ монда шуда, воситаҳои муошират ва ҳисоботдиҳӣ бояд мушаххас карда шаванд ва ҳуҷҷатгузорӣ шаванд ва ҳамкорӣ намудан бо ташкилоти мазкур вазифаи МТЛТР ва МҲҶ-ҳо дар ҷамоатҳо хоҳад буд.

ККЗО моҳи июни соли 1991 дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст[11]. Дар доираи вазифаҳои худ, ККЗО лоиҳаҳоро оид ба муҳофизати ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии занҳо ба Ҳукумат пешниҳод мекунад. Кумита бо Раёсатҳои Ҳукумат, аз ҷумла Раёсати маориф ва фарҳанг, Раёсати кор бо ҷавонон ва Комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамкорӣ мекунад. Илова бар ин, Кумита бо масоили таъмини баробарии гендерӣ барои занҳо ва духтарон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул аст[12]. Маълумот барои тамос бо намояндагиҳои ККЗО дар ноҳияҳо дар Замимаи 1 оварда шудааст.

---

[11] СММ (2011) Кумитаи кор бо занон ва оила [дар сомонаи интернет) дар ишораномаи зерин дастрас аст: http://evaw-global-database.unwomen.org/en/countries/asia/tajikistan/1991/committee-on-women-and-the-family

[12] Маълумот аз ҷониби ШКЗО дар ноҳияи Нуробод пешниҳод гардидааст.

# 4 МУАЙЯНКУНИИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР

## 4.1 МУАЙЯНКУНИИ ҶОНИБҲОИ АСОСИИ МАНФИАТДОР

Мақсад аз муайянкунии ҷонибҳои манфиатдор муайян намудан ва аз рӯи афзалият ҷудо намудани ҷонибҳои манфиатдори лоиҳа барои машварат мебошад. Муайянсозии ҷонибҳои манфиатдор раванди давомнок буда, ҳамин тавр ҷонибҳои манфиатдори калидӣ дар рафти марҳалаҳои гуногуни лоиҳа ба таври давомнок муайян карда мешаванд. Василаи банизомдаровардашуда барои муайянсозии мавқеи ҷонибҳои манфиатдор дар асоси минтақаҳои таъсири лоиҳа истифода мешавад. Дар василаи мазкур тавассути муайянсозии минтақаҳое, ки ба онҳо таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ расонида мешавад, ҷонибҳои манфиатдор вобаста ба маҳалли таъсир муайян карда мешаванд.

Дар натиҷаи муайянсозии мавқеи ҷойгиршавии ҷонибҳои манфиатдори лоиҳа, онҳо аз рӯи ду категорияи асосӣ синфбандӣ карда мешаванд:

a) Ҷонибҳои манфиатдори аввалия фардҳо ва гурӯҳҳое, ки ба онҳо лоиҳа таъсири бевосита мерасонад; ва

b) Ҷонибҳои манфиатдори дуюминдараҷа тарафҳое мебошанд, ки ба онҳо лоиҳа таъсир мерасонад, лекин на ба таври мустақиман.

Натиҷаи лоиҳа дар намудҳои зерин таъсири бевосита мерасонад:

Аз даст додани хона, аз даст додани шуғл дар натиҷаи аз даст додани тиҷорат, аз даст додани сарчашмаҳои таъмини зиндагӣ дар натиҷаи аз даст додани замин ва фаъолияти кишоварзӣ (аз ҷумла зироатпарварӣ ва чорводорӣ). Дар зер рӯйхати хатарҳои эҳтимолии экологӣ ва иҷтимоии ба лоиҳа алоқаманд ва берун аз он оварда шудааст:

- Моддаҳои ифлоскунанда ва партовҳо ба атмосфера дар натиҷаи сохтмон ва истифодаи техника;
- Садо ва вибратсия аз истифодаи равандҳои сохтмони роҳ;
- Ифлосшавии оби рӯизаминӣ аз ҷониби техникаи роҳсозӣ, пуркунии техника бо сӯзишворӣ ва равғанҳо ва ғ;
- Полудашавии замин ҳангоми сохтмон аз сабаби рехтани маводҳои мулоимкунанда, сӯзишворӣ, битум ва ғ.;
- Чангу ғубор ҳангоми корҳои сохтмонӣ;
- Нороҳатӣ ва эъчоди нооромӣ ба оилаҳо, занҳо ва калонсолони дар маҳал истиқоматдошта;
- Хатари чангу ҷидол ва ҳолатҳои садамавӣ бо иштироки одамон;
- Хатари бархӯрдан ва ҳолатҳои садамавӣ бо чорвои хонагӣ;
- Нооромӣ дар маҳал аз ҷониби кормандони сохтмон;
- Таъсир ба бехатарии занҳо дар натиҷаи муҳоҷирати кормандон ба минтақаи лоиҳа; ва
- Банақшагии вайронкунии биноҳо ва нобудсозиву дигар кардани ҷойи воситаҳои хизматрасон

Аз ин лиҳоз, НШҶМ-и мазкур бо мақсади ҳалли масъалаҳои нигаронкунандаи ҷомеа вобаста ба хатарҳои калидии экологиву иҷтимоӣ тавассути амалисозии чорабиниҳо оид ба машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ва ифшои маълумот таҳия гардидааст.

Намуди таъсири ғайримустақим (ҷадвали 3 дар поён) бисёртар ба корҳои сохтмонӣ ва фаъолияти бошишгоҳҳои сохтмонӣ вобаста хоҳад буд. Маълумоти пурра оид ба ҳалли мушкилот дар мавзеи кор ва бошишгоҳҳои сохтмон дар бахши 7.5.24 ҳуҷҷати БТЭИ оварда шудааст.

**Ҷадвали 3 – ҷомеа ва маҳалҳое, ки ба онҳо лоиҳа таъсири ғайримустақим мерасонад**

- Маҳалҳои истиқоматӣ/ хонаводаҳои дар назди сохтмони роҳ ҷойгирбуда
- Минтақаҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла қитъаҳои замини кишоварзӣ ва савдо
- Мардуми маҳаллӣ / кормандони муҳоҷири барои сохтмон кироягшуда (ба пудратчиён зарур аст, ки қоидаву меъёрҳои вобаста ба тартиботи ба кор қабул кардани шаҳрвандонро ҳангоми ба кор гирифтани кормандони маҳаллӣ татбиқ намоянд)
- Аҳолии минтақа

Ҷонибҳои манфиатдори калидии муайяншуда дар ҷадвали 4 дар поён оварда шудааст.

**Ҷадвали 4: ҷонибҳои манфиатдори калидии муайяншуда ва методи шомилсозии онҳо**

| Намуд | Ном | Таъсир | Методи шомилсозие, ки авлотар донистa мешавад |
|---|---|---|---|
| **Аҳолӣ ва соҳибкорон** | **Аҳолӣ:**<br>Истиқоматкунандагон, аз ҷумла соҳибон, иҷорадиҳандагон, иҷорагирандагон ва истифодабарандагони ғайрирасмии замин ва биноҳое, ки дар натиҷаи росткунии роҳ умуман дар зери таъсири лоиҳа мемонанд, 157 хонавода бо шумораи умумии 1395 нафар истиқоматкунандагон дар 17 деҳа, аз ҷумла Бозорак, Қандак, Шоҳи Аслон, Ҷавчии поён, Садоқат, Лайрон, Сияҳгулак, Чепак, Мучиҳарфи калон, Дегай, Тутхор, Тегермӣ, Пандовчӣ, Деҳи таг, Улфатобод, Гулмон ва Навобод (микрорайони 7ум) мавҷуд аст.[13]<br>**Соҳибкорон:**<br>Тиҷоратӣ: соҳибон, иҷорадиҳандагон, иҷорагирандагон ва истифодабарандагони ғайрирасмии иншоотҳои соҳибкорие, ки муваққатан ва ё доимӣ дар зери таъсири лоиҳа мемонанд. Ҷор иншооти фаъол, аз ҷумла ду нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, як сехи ҷӯббурӣ ва як дӯкони гӯшт.<br>кишоварзӣ: соҳибон, иҷорадиҳандагон, иҷорагирандагон ва истифодабарандагони ғайрирасмии замини | Аҳолӣ ва соҳибкороне, ки дар натиҷаи сохтмон ва истифодабарӣ дар зери таъсири ғайримустақими лоиҳа мемонанд.<br>Ба таъсири бевосита аз даст додани хона, аз даст додани шуғл дар натиҷаи аз даст додани иншооти соҳибкорӣ, аз даст додани сарчашмахои таъмини зиндагӣ дар натиҷаи аз даст додани замин ва фаъолияти кишоварзӣ (аз ҷумла зироаткорӣ ва чорводорӣ), таъсир ба муҳити зист ва бехатарии он дохил мешавад | МТЛТР ВН бояд бо аҳолӣ/соҳибкорони таъсирдида бо мақсади ҳаллу фасли мушкилоти онҳо вохӯриҳои мунтазам гузаронад. |

[13] ВН (2018), Нақшаи ҷудокунии замин ва кӯчонидани аҳолӣ, Долонҳои 2, 3 ва 5 дар доираи Барномаи ҳамкории иқтисодии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ, Лоиҳаи роҳ (Обигарм-Нуробод), саҳ 30

| **Намуд** | **Ном** | **Таъсир** | **Методи шомилсозие, ки авлотар донista мешавад** |
|---|---|---|---|
| | кишоварзӣ бо мақсади фаъолияти кишоварзӣ ва чорводорӣ, аз ҷумла фермаҳои чорводорӣ. | | |
| **Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ** | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилоят | Гурӯҳи мазкур ба лоиҳа тавассути ҷараёни қабули қарор таъсири бевосита мерасонад. Онҳо «ҷонибҳои манфиатдори аввалиндараҷа» ҳисоб мешаванд. | МТЛТР ВН бояд бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вохӯриҳо гузаронад. |
| **Ҷамоатҳо** | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ноҳия | Гурӯҳи мазкур ба лоиҳа тавассути ҷараёни қабули қарор таъсири бевосита мерасонад. Онҳо «ҷонибҳои манфиатдори аввалиндараҷа» ҳисоб мешаванд. | МТЛТР ВН бояд бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ вохӯриҳо гузаронад. |
| **Тарафҳои иштирокчии лоиҳа / ҷонибҳои манфиатдори дохилӣ** | § Вазорати нақлиёт (ВН) – Сохтори иҷроия<br>§ Маркази татбиқи лоиҳа оид ба таҷдиди роҳ (МТЛТР) – сохтори татбиққунанда<br>§ Кормандони дохилии ВН | Гурӯҳи мазкур ба лоиҳа тавассути ҷараёни қабули қарор таъсири бевосита мерасонад. Онҳо «ҷонибҳои манфиатдори аввалиндараҷа» ҳисоб мешаванд. | МТЛТР ВН бояд бо тарафҳои иштирокчӣ ва кормандон (беҳтар мешавад дар се моҳ як маротиба) вохӯриҳо доир намояд.<br>Тавсия дода мешавад, ки мизоҷ дар доираи вазифаҳои МТЛ дар маҳал вохӯриҳои мунтазам гузаронад. Вохӯриҳои моҳона бояд дар саридораи мизоҷ барои муҳокимаи масоили зерин гузаронида шавад:<br>§ Назорати умумии фаъолияти лоиҳа ва беҳбудӣ (машваратӣ, молиявӣ, натиҷаҳои лоиҳа) дар он<br>§ Таҳияи рӯйхати вазифаҳо ва (техническое задание) ва идоракунии кори мушовирони маҳаллӣ<br>§ амалисозии дигар намудҳои фаъолияти муайянгардида, аз ҷумла омӯзиш ва мубодилаи иттилоот оид ба татбиқи чораҳо вобаста ба беҳбудии лоиҳа<br>§ гузаронидани семинару омӯзишҳо оид ба рушди малака<br>§ муҳокимаи имкониятҳои иҷтимоӣ |

| Намуд | Ном | Таъсир | Методи шомилсозие, ки авлотар дониста мешавад |
| --- | --- | --- | --- |
| | | | (аз ҷумла шуғл) барои аҳолии маҳаллӣ<br>§ муҳокимаи роҳҳои ҳал вобаста ба кам кардани таъсири лоиҳа вобаста ба ҳуқуқ ба дастрасӣ ва қатъи муваққатии фаъолияти соҳибкорон |
| **ташкилотҳои маблағгузори лоиҳа** | § БАТР<br>§ БОСРИ<br>§ БОР<br>§ ФОРБ | Гурӯҳи мазкур ба лоиҳа тавассути ҷараёни қабули қарор таъсири бевосита мерасонад. Онҳо «ҷонибҳои манфиатдори аввалиндараҷа» ҳисоб мешаванд. | БАТР – вохӯриҳо аз рӯи пайдоиши зарурат гузаронида мешавад.<br>БОР - вохӯриҳо аз рӯи пайдоиши зарурат, ба ҳар ҳол ақаллан ҳар се моҳ як маротиба дар доираи вохӯриҳо бо кумитаи ҳамоҳангсози лоиҳа (КҲЛ) гузаронида мешавад.[14] |
| **Пудратчиён/таъминотчиён** | Ширкатҳои беруна, ки ягон намуди мол ва ё хизматрасониро ба ВН, аз ҷумла пудратчӣ оид ба сохтмони роҳ пешниҳод ва таъмин мекунанд. Ширкатҳои берунае, ки ба ҳайси чунин ширкатҳо дар якҷоягӣ бо ширкатҳои рушди инфрасохтор хизматрасониҳоро дар ҷодаи нигоҳдорӣ, тозакунӣ ва маишӣ пешниҳод мекунанд, дар айни ҳол маълум нестанд; чунин ширкатҳо пеш аз оғози сохтмон тасдиқ гардида, ба НШҶМ мутаносибан дар ин бора маълумот ворид карда мешавад. | Пудратчиён ва таъминотчиён ба лоиҳа мустақиман тавассути қоидаҳои корпоративӣ ва риояи қонунгузорӣ дар масоили муҳити зист ва иҷтимоӣ ва талаботи ташкилотҳои маблағгузор таъсир мерасонанд. | МТЛТР ВН бояд стандартҳои экологӣ ва иҷтимоиро ба ҳуҷҷатҳои дахлдори озмун ворид намуда, мониторинги кори таъминотчиёнро оид ба масоили идораи меҳнат таъмин намоянд ва риояи қонунҳои Тоҷикистон ва талаботи ташкилотҳои маблағгузорро баҳогузорӣ намояд. |
| **Мақомоти иҷозатдиҳанда, сохторҳои давлатии маҳаллӣ** | § Кумитаи ҳифзи муҳити зист (КҲМЗ)<br>§ Вазорати молия (Сохтори иҷроия)<br>§ Вазорати фарҳанг<br>§ Вазорати кишоварзӣ<br>§ Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ<br>§ Ҳадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати | Гурӯҳи мазкур ба лоиҳа тавассути тасдиқи иҷозатҳо, додани иҷозатнома ва татбиқи қоидаву меъёрҳои нав таъсири бевосита мерасонад. | МТЛТР ВН бояд мактубҳои расмӣ ва электронӣ навишта, ҳангоми зарурат бо мақомоти иҷозатдиҳанда вохӯриҳо гузаронад. |

[14] Ҷаласаҳои КҲЛ мунтазам гузаронида шуда, пешниҳод карда мешавад, ки бо мақсади ҳалли масоили марбут ба лоиҳа умуман ё ба қисматҳои лоиҳа дар ҳолати алоқамандӣ доштани масъала ба дигар қисматҳои лоиҳа дар марҳалаи аввали татбиқи лоиҳа ҳар се моҳ як маротиба ҷаласаҳои он гузаронида шавад. Ба масоили мазкур метавонад масоили техникӣ, чораҳои ҳифз, марбут ба шартнома, тандурустӣ ва бехатарӣ, графики кор ва ё дигар корҳое, ки ба лоиҳа метавонад ҷиҳати ба даст овардани мақсадҳои он таъсир расонад, дохил шавад. Раиси КҲЛ Вазири наклиёт ва ё Муовини Вазир буда, аъзои он директори лоиҳа аз МТЛТР, намояндагони ташкилотҳои маблағгузор, роҳбарони дастаҳо оид ба назорати мушовирон мебошад ва дигар масоили марбута дар ҷаласаҳои хосаи КҲЛ бояд баррасӣ карда шаванд.

| Намуд | Ном | Таъсир | Методи шомилсозие, ки авлотар донцста мешавад |
|---|---|---|---|
| | тандурустӣ ва ҳифзи аҳолии ҶТ,<br>§ Ҳадамоти назорати давлатии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ,<br>§ Ҳадамоти геология | | |
| **Кумитаҳои давлатӣ** | § Кумитаи кор бо занон ва оилаи (ККЗО) назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб карда шуда, робитаи муошират байни ККЗО, МҲҶ-и МТЛТР ва МҲҶ-и ҷамоат ба роҳ монда мешавад. | Гурӯҳи мазкур ба лоиҳа тавассути пешниҳоди восита оид ба қабул ва баррасии шикоят ва ҳамкорӣ бо МҲҶҳо таъсири бевосита мерасонад. | МТЛТР ВН бояд бо ККЗО мунтазам ҳамкорӣ намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ мактубҳои расмӣ ва электронӣ нависад ва вохӯриҳо гузаронад. |
| **Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ** | Замини давлатӣ/ҳукумат, ки дар тавозуни мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ (мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ҷамоатҳо ва раисони деҳаҳо) қарор дорад. | Ба гурӯҳи мазкур дар натиҷаи сохтмон ва корҳои истифодабарӣ таъсири ғайримустақим расонида мешавад. | МТЛТР ВН бояд бо мақомоти иҷроияи маҳаллӣ мунтазам ҳамкорӣ намуда, дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо мактубҳои расмӣ ва электронӣ нависад ва бо онҳо вохӯриҳо гузаронад. |
| **Басорати давлатии автомобилӣ дар маҳал** | Бо мақсади таъмини дастгирии доимии лоиҳа бояд ба Басорати давлатии автомобилӣ дар маҳал маълумот ба таври давомнок пешниҳод карда шавад. | Ба гурӯҳи мазкур дар натиҷаи сохтмон ва корҳои истифодабарӣ таъсири мустақим расонида мешавад. | МТЛТР ВН бояд дар ҳолатҳои зарурӣ мактубҳои расмӣ ва электронӣ нависад ва бо онҳо вохӯриҳо гузаронад. |
| **Гурӯҳҳои осебпазир** | Шахсони зерин ба гурӯҳҳои осебпазир дар минтақаи лоиҳа[15] дохил мешаванд: хонаводаи сардораш зан ва дорои кӯдакони дастнигар, хонаводаҳои калони дорои 5 ё зиёда фарзанд, калонсолон ва шахсони оҷизи бесаробон, хонаводаҳо сардорашон шахсони маъюб, хонаводаҳое, ки дар онҳо шахсони маъюб зиндагӣ мекунанд, одамони камбизоати баҳрабарандаи кӯмаки иҷтимоӣ, ки дар назди роҳ истиқомат мекунанд, ва ҷавонон/наврасон (хусусан духтарон мувофиқи пешниҳоди ЮНИСЕФ). | Лоиҳа ба гурӯҳҳои осебпазир дар натиҷаи корҳои сохтмонӣ аз сабаби маҳдудияти ҳуқуқ ба дастрасӣ, бехатарии маҳдуд, ҷангу ғубор ва садо таъсири ғайримустақим мерасонад.<br>Таъсири мустақим метавонад зеринро дар бар гирад: аз даст додани макони зист, аз даст додани шуғл дар натиҷаи аз даст додани фаъолияти соҳибкорӣ, аз даст додани сарчашмаҳои таъмини зиндагӣ дар натиҷаи аз даст додани замин ва фаъолияти кишоварзӣ (аз ҷумла зироаткорӣ ва чорводорӣ). | МТЛТР ВН ҷиҳати муайян намудани роҳи беҳтарини ҳалли масъала бо мақсади беҳтар намудани дастрасии шахсони ҷабрдида ба сарчашмаҳои таъмини зиндагӣ бояд бо онҳо машваратҳои ҳамаҷониба гузаронад; ё онҳоро барои истиқомат бо ҷои дигар таъмин намояд.<br>Машваратҳо дар намуди фокус группа методи хуби ҳамкорӣ бо гурӯҳи мазкур мебошад. Бояд чунин фокус группаҳо барои гурӯҳҳои мардон ва занон дар алоҳидагӣ гузаронида шавад. |
| **Коргарони сохтмон, аз ҷумла муҳоҷирони корӣ** | Аҳолии маҳаллӣ аз деҳаҳои наздик, коргарон ва ҳама гуна муҳоҷирони меҳнатӣ. | Барои аҳолии маҳаллӣ аз шаҳру деҳаҳои наздик имконияти эхтимолии кор пайдо мешавад. | МТЛТР ВН бояд бо коргарони таъсирдида ҷиҳати ҳалли мушкилот ва масъалаҳои нигаронкунандаи онҳо бо |

[15] Data on vulnerable groups was collected in September 2018 as part of the socio-economic survey at affected household level.  The purpose is to identify particular groups that could potentially be affected by the Project and how they are affected so that appropriate measures can be taken to ensure these populations are not negatively impacted by the Project.

| **Намуд** | **Ном** | **Таъсир** | **Методи шомилсозие, ки авлотар дониста мешавад** |
|---|---|---|---|
| | | Занҳои маҳал шояд аз муҳоҷирати коргарон ба минтақаи лоиҳа дар натиҷаи воридшавии эҳтимолии шумораи зиёди коргарон таҳдидро ҳис намоянд. | онҳо мунтазам вохӯриҳо гузаронад. Пудратчӣ бояд Нақшаи идоракунии масоили экологӣ ва иҷтимоие бо дарназардошти хусусияти минтақа таҳия намояд, ки дар он чораҳои зарурие, ки нисбати кормандони Пудратчӣ/зерпудратчӣ дар ҳолатҳои рафтуомад бо ҷомеаи маҳаллӣ, хусусан занон дида мешавад, дарҷ гардад. |
| **Иттиходияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба рушд** | БРСММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дошта, доир ба масъалаҳои беҳбуди идоракунии стратегӣ, рушди иқтисодӣ, ҳифзи гурӯҳҳои осебпазир ва таъмини тобоварӣ ва суботи экологӣ барномаҳо амалӣ мекунад. Дар сомонаи интернетии ташкилот ба якчанд иттиҳодияҳои ҷамъиятии маҳаллӣ дар кишвар ишора карда мешавад, аммо ба истисноӣ ЮНИСЕФ дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки дар айни ҳол бо масоили шомилсозии ҷонибҳои манфиатдор сарукор доранд, ягон маълумоте дида намешавад. ЮНИСЕФ ба лоиҳа дар ҷодаи хатарҳо вобаста ба ҳифзи кӯдакон дар доираи лоиҳаи пешниҳодшуда ҷалб карда мешавад. | БРСММ дар ҷодаи тарғиби ҳифзи муҳити зист ва рушд дар минтақа таъсири бевосита хоҳад расонид.<br>ЮНИСЕФ дар ҷодаи баланд бардоштани маърифатнокӣ оид ба таъсири лоиҳа ба муҳити зист, саломатӣ, бехатарӣ ва ҳолати иҷтимоӣ таъсири бевосита хоҳад расонид. | МТЛТР ВН бояд иттиҳодияҳои ҷамъиятии дар минтақа фаъолият доштаро муайян намояд. |
| **Иттифоқҳои касаба** | Дар айни ҳол барои ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат/ҳуқуқи кормандон дар доираи лоиҳаи мазкур ягон иттифоқи касаба таъсис дода нашудааст. | Иттифоқҳои касаба дар ҷодаи ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат ва тарғиби баробарӣ ва манъи табъиз таъсири бевосита мерасонанд. | МТЛТР ВН/пудратчӣ оид ба сохтмон бояд бо иттифоқҳои касаба (агар онҳо таъсис дода шаванд) ҳар моҳ як маротиба вохӯриҳо гузаронад. |

## 4.2 ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОРЕ, КИ ҲАНГОМИ ТАҲИЯИ НАҚШАИ МАЗКУР МУАЙЯН ГАРДИДААНД

Ҷонибҳои манфиатдори лоиҳа, ки дар ин марҳала муайян гардидаанд, дар ҷадвали 4 оварда шуда, дар он инчунин таҳлили роҳҳои беҳтарини ҳамкорӣ бо онҳо мувофиқи роҳҳои муоширате, ки ба назари мо онҳо истифода мебаранд ва аз ҳама самаранок мешавад, нишон дода шудааст. Муайянсозии ҷонибҳои манфиатдори дахлдор дар раванди амалисозии лоиҳа нақши бениҳоят муҳим мебозад. Лоиҳа ба аҳолии дар қади роҳ истиқоматкунанда таъсири бевосита мерасонад.

Ҷонибҳои манфиатдоре, ки дар марҳалаи мазкур муайян нагардидаанд, бояд ба МТЛТР ё МҲҶ-ҳо дар ҷамоат ва ё намояндагони дигари ҷамоатҳои худ ҷиҳати дархост оид ба ворид намудани онҳо ба рӯйхат муроҷиат кунанд.

## 4.3 ГУРӮҲҲОИ ОСЕБПАЗИР

Мутобиқи таърифи БАТР ба гурӯҳи осебпазир категорияи одамоне дохил мешавад, ки аз рӯи ҷинс, миллат, синну сол, имконияти маҳдуди ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, имконияти маҳдуди иқтисодӣ, вазъияти иҷтимоӣ метавонад дар натиҷаи кӯчонидан ба ҷои дигар нисбат ба дигарон бештар таъсири манфӣ бинад ва шахсе мебошад, ки барои талаб кардан ё истифода намудан аз имкониятҳои кӯмак барои кӯчонидан ва дигар кӯмакҳои ба рушд дахлдор тавоноии маҳдуд дорад.

Ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, хусусан он шахсоне, ки дар фақр зиндагӣ мекунанд, замин надоранд, калонсолон, оилаҳое, ки сардорашон зан аст, кӯдаконе, ки дар сарпарастии занон қарор доранд ва шахсоне, ки соҳиби ҳуқуқии замин нестанд, бояд эътибори хоса дода, иштироки онҳоро дар чорабиниҳои машваратӣ таъмин намуд.

Намояндагони Ташкилоти ЮНИСЕФ вобаста ба синну сол ҷабҳаҳои осебпазириро дар байни ҷавонону наврасон, хусусан духтаракон, ки онро метавон тавассути таъсиси платформае оид ба иштироки онҳо дар ҷараёни машваратҳо ҳаллу фасл намуд, зикр намуданд.

Гурӯҳҳои осебпазир дар шароити кӯчонидан инчунин шахсонеро, ки дар фақр зиндагӣ мекунанд, замин надоранд, калонсолон, оилаҳои сардорашон зан, кӯдакон, ақаллиятҳои миллӣ ва ё дигар шахсони кӯчонидашударо, ки шояд дар доираи системаи миллии ҷубронпулӣ барои замин ва ё қонунгузории замин муҳофизат нашаванд, дар бар мегирад.

Мутобиқи схемаи имтиёзҳои ба лоиҳа хос[16], шахсони зерин ҳамчун гурӯҳҳои осебпазир муайян шудаанд: шахсони кӯчонидашуда (ШК-ҳо), ки баҳрабарандагони кӯмаки давлат барои шахсони камбизоат мебошанд, хонаводаҳое, ки сардорашон зан буда, дар фақр зиндагӣ мекунанд, хонаводаҳое, ки дар он калонсолон зиндагӣ мекунанд, хонаводаҳое, ки барои пешбурди зиндагӣ ягон сарчашмаи даромад надоранд, хонаводаҳое, ки сардорашон шахсони маъюб аст ва ё дигар узви оила дар онҳо шахси маъюб мебошад. МҲҶ-ҳо дар сатҳи хонаводаҳо бо мақсади муайян намудани намудҳои зарурии дастгирии пешниҳодшаванда муҳокимаҳои рӯбарӯ мегузаронанд. Ҷиҳати ба гурӯҳҳои осебпазир оид ба намудҳои асосии таъсири лоиҳа иттилоот додан бояд муҳокимаҳои фокус-группа (масалан бо иштироки хонаводаҳое, ки сардорашон зан аст, ҷавонон ва ғ.) гузаронида шуда, ба онҳо дар бораи имкониятҳои барқарор намудани сарчашмаҳои даромад барои зиндагӣ инчунин бояд машварат дода шавад. Ба гурӯҳи мазкур шахсоне дохил мешаванд, ки минбаъд асосан дар натиҷаи корҳои сохтмонӣ дар зери таъсири лоиҳа мемонанд.

## 4.4 ҶАБҲАҲОИ ГЕНДЕРӢ

Ҷабҳаҳои гендерӣ ҳангоми таҳияи НШҶМ-и мазкур ва методҳои шомилсозии минбаъдаи онҳо ба назар гирифта шудааст. Намудҳои фаъолият оид ба шомилсозӣ бо мақсади додани имконият ба занҳо барои иштирок, масалан дар замон ва минтақаҳои дастрас, ки дар он ҷо имконияти пешбурди ҳаёти оилавӣ ва иҷрои вазифаҳои хонаводагӣ вуҷуд дорад, таҳия карда шудаанд. Якчанд методҳое вуҷуд дорад, ки тавассути он занҳоро метавон ба машваратҳо шомил намуда, оид ба ҷабҳаҳои гуногуни лоиҳа фикри онҳо гирифта шавад. Бо занон дар бораи корҳои лоиҳа машварат гузаронида мешавад ва маълумоти иловагӣ оид ба методҳои машварат дар бахши 6.3 оварда шудааст.

---

[16] Схемаи имтиезҳои ба лоиҳа хос дар ҷадвали Е-2-и Нақшаи ҷудокунии замин ва кӯчонидани аҳолӣ (НҶЗКА) оварда шудааст.

Натиҷаи баҳодиҳии иқтисодиву иҷтимоӣ ва машваратҳо бо шахсони таъсирдидаи лоиҳа, ки соли 2018 гузаронида шуда буд, нишон дод, ки мавҷуд набудани инфрасохтори зарурии роҳ, роҳҳои хурд дар ҷои деҳот ва инчунин мавҷудияти камбудиҳо вобаста ба бехатарии кӯдакон рафтуомади занҳоро маҳдуд мекунад (БОР, 2016).

Дар минтақаи лоиҳа занон асосан дар соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ ва дӯзандагӣ дар хона фаъолияти иқтисодӣ мебаранд.

Ҳангоми вохӯриҳои машваратӣ занон нигаронии худро вобаста ба масоили зерин зикр намуданд (1) таъсири рушди роҳ ва имкониятҳои иқтисодӣ ба занони маҳаллӣ ҳам дар ҷодаи шуғл ва ҳам имкониятҳои фаъолияти соҳибкорӣ; (2) дастрасӣ ба хизматрасониҳои аввалиндараҷа барои занон ва кӯдакон ва инфрасохтори заифи иҷтимоӣ (масалан дар соҳаи маориф, тандурустӣ) дар минтақаи лоиҳа; (3) намудҳои нақлиёти ҷамъиятӣ дар атрофи роҳи нав ва роҳҳои дастрасӣ бояд рушд дода шавад.

Дар айни ҳол дар МТЛТР се мутахассис оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, як мутахассис оид ба муҳофизат аз таъсири экологӣ фаъолият мекунанд ва дар назар аст, ки мутахассис оид ба масоили гендерӣ то охири соли 2019 ба кор шурӯъ мекунад. Ақаллан як нафар мутахассис оид ба муҳофизат аз таъсири экологӣ ва мутахассис оид ба масоили гендерӣ бояд аз ҳисоби занон бошанд, то ин ки бо занҳо дар ҷомеаҳои минтақаи лоиҳа ҳамкорӣ беҳтар ба роҳ монда шуда, эътино ва дастгирии занон нисбат ба лоиҳа дар сатҳи баланд таъмин карда шавад ва иштироки самараноки занон дар лоиҳае, ки аз ҷониби МТЛТР татбиқ мешавад, таъмин карда шавад. Ташкилотҳои маблағгузор ба МТЛТР ва ВН дар ҷодаи баланд бардоштани нерӯи онҳо дар масоили гендерӣ ва инфрасохтор (аз ҷумла сохтмон ва нигоҳдории роҳ ба дарназардошти баробарии гендерӣ) тавассути барномаи рушди роҳҳо бо дарназардошти принсипҳои баробарии гендерӣ бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии занон тавассути беҳтар намудани робита ба воситаи роҳҳо бо ҷалби диққати хоса ба васеъ намудани дастрасии занон ба хизматрасониҳо, соҳибкорӣ ва рушди малака кӯмак хоҳад расонид.

Дар барнома ба чор қисмати зерин эътибор дода мешавад:

- **(1) Тарҳи роҳ бо дарназардошти принсипҳои баробарии гендерӣ (бо дастгирии БОСРИ, БАТР ва БОР)**

ВН ҳангоми тарҳи роҳ бо мақсади таъсиси ақаллан ду минтақаи тиҷоратӣ/ҷои истироҳат дар бари роҳ дар қитъаҳои роҳи асосии аз ҷониби БОР ва БАТР дастгиришаванда ва як минтақаи тиҷоратӣ/ҷой барои истироҳат дар қитъаи аз ҷониби БОСРИ дастгиришаванда чораҳои заруриро оид ба баробарии гендерӣ ҷорӣ менамояд. (Ҳадди ақал) се минтақаи савдо ва ҷои истироҳат мавзеи махсусро, ки барои фаъолияти соҳибкории занон дар намуди бозорҳои хурд тарҳрезӣ шудааст, ҳоҷатхонаву хонаҳои либосивазкунии алоҳидаи ба хубӣ бо равшанӣ таъминшуда, як ҳуҷраи хурдакак барои нигоҳубини кӯдак ва оиларо дар бар мегирад. Роҳҳои таъминкунандаи дастрасӣ инчунин ҷиҳати таъмини бехатарии роҳ бо дарназардошти баробарии гендерӣ ба таври зарурӣ бо равшанӣ, гузаргоҳҳои бехатар барои пиёдагардон, монеаҳои эҳтиётӣ ва роҳҳои иловагӣ таъмин карда мешаванд.

- **(2) Имкониятҳои баробар ва иштироки занон дар сохтмон дар доираи фаъолияти пудратчӣ (бо дастгирии БОСРИ ва БАТР)**

ВН бо мақсади мусоидат ба иштироки занон дар сохтмон ва нигоҳдории роҳ тавассути ҷорисозии Нақшаи пудратчӣ оид ба идоракунии масоили экологӣ ва иҷтимоӣ (НПМЭИ), Кодекси одоб (КоО), Нақшаи амал оид ба таъмини баробарии гендерӣ (НБГ) ҷиҳати ба вазифаҳои пудратчӣ ворид намудани масоили баробарии гендерӣ ва стратегияву амалҳо оид ба таъмини имкониятҳои баробар мусоидат мекунад. ВН барои ба даст овардани

нишондиҳандаҳои баробарии гендерӣ дар лоиҳа тавассути баланд бардоштани маълумотнокӣ ва робита бо муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва факултетҳои муҳандисӣ мусоидат мекунад.

- **(3) Дастрасӣ ба рушди малака ва соҳибкорӣ (бо дастгирии БАТР ва БОР)**

БАТР ва БОР ВН-ро дар тарғиби рушди малака ва соҳибкорӣ дар минтақаи лоиҳа барои занон ҷиҳати истифода аз имкониятҳои иқтисодии дар доираи роҳи нав эъҷодшуда ва рушди роҳҳои дастрасӣ дастгирӣ мекунад. Ба ин чорабиниҳои зерин дохил мешавад: рушди таҷрибавии малакаҳо тавассути чорабиниҳои ғайрикишоварзӣ, кишоварзӣ ва тавоноӣ, аз ҷумла ҳунарҳои мардумӣ; омӯзиш ва чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани маърифатнокӣ дар ҷодаи васеъ намудани имконияти занҳо, боварӣ ба иқтидори худ ва дарки масоили иҷтимоӣ); дониши заминавии молиявӣ ва малакаҳои соҳибкорӣ; тарғиби кооперативҳои занҳои соҳибкор.

- **(4) Муколамаи сиёсӣ оид ба масоилӣ гендерӣ ва нақлиёт (бо дастгирии БАТР)**

Мутобиқи дастовардҳои лоиҳа, БАТР дар рушди нерӯъ оид ба қабули сиёсат вобаста ба баробарии гендерӣ ва нақлиёт бо эътибори хоса ба ҷабҳаҳои гендерӣ дар таъмини инфрасохтори босубот, сохтмон ва хариди давлатӣ бо дарназардошти принсипҳои баробарии гендерӣ ва стратегияи тиҷоратикунонии роҳҳои автомобилӣ бо дарназардошти принсипҳои баробарии гендерӣ кӯмак мекунад. Илова ба ин, БАТР дар ҷодаи мусоидат ба муколамаи сиёсӣ оид ба мушкилотҳои вобаста ба шуғл дар шуғли занҳо дар соҳаҳои роҳ, нақлиёт ва сохтмон дастгирӣ хоҳад намуд.

Оид ба талабот нисбат ба пудратчӣ вобаста ба ҷабҳаҳои гендерӣ, пудратчӣ бояд ҳуҷҷатҳои зеринро омода намояд:

(1) Нақшаи ба минтақаи сохтмон хоси пудратчӣ оид ба идоракунии масоили экологӣ ва иҷтимоӣ бо инъикоси чораҳои зарурӣ оид ба муносибати кормандони пудратчӣ/зерпудратчӣ дар раванди ҳамкорӣ бо аҳолии маҳаллӣ, хусусан занон.

(2) Кодекси одоб бо дарназардошти принсипҳои баробарии гендерӣ бо фарогирии муносибати ҳамаҷониба вобаста ба муҳофизат аз пешниҳоди алоқаи ҷинсӣ, истисмор ва зӯроварии ҷинсӣ бо гузаронидани омӯзишҳои махсус дар байни тамоми кормандон ва таъмини риояи пурраи таҷрибаи пешқадам оид ба рафтор бо дарназардошти принсипҳои баробарии гендерӣ.

(3) Нақшаи амал оид ба таъминоти баробарии гендерӣ бо фарогирии чораҳои мусбие, ки пудратчӣ бояд дар ҷодаи мусоидат ба шуғли занон дар сохтмон ва нигоҳдории роҳ амалӣ намояд, ворид намудани принсипҳои баробарии гендерӣ дар фаъолияти сохтмон ва пешгирии сар задани хатарҳои иловагии зӯроварии гендерӣ. Пудратчӣ ва МТЛТР аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузор дар ҷодаи пешниҳоди хизматрасониҳои машваратӣ оид ба баробарии гендерӣ ҷиҳати беҳтар ба даст овардани мақсадҳо вобаста ба шуғли занон ва таъмини баробарии гендерӣ дар лоиҳа дастгирӣ хоҳанд шуд.

# 5 МАШВАРАТҲОИ КУНУНӢ ВА ПЕШИНА БО ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР

## 5.1 МАЪЛУМОТИ ФИШУРДА ОИД БА РОБИТАҲОИ МАВҶУДА БО ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР ВА АҲОЛӢ

Дар давраи татбиқи лоиҳа Мушовир оид ба дастгирии техникии амалисозии аҳдҳо ва МТЛТР машваратҳои зеринро бо ҷомеа гузарониданд:

- Шаш машварат бо шахсони кӯчонидашуда ваа гурӯҳи васеи аҳолӣ дар минтақаи лоиҳа,
- Ҳафт машварат дар ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ҷамоатҳо,
- Чор муҳокимаҳои дар формати фокус-группа бо иштироки занон.

Дар умум, 163 нафар (131 нафар мард ва 32 нафар зан) дар машваратҳои моҳҳои сентябр ва ноябри соли 2018 доиргардида иштирок карданд.

Ба иштирокчиён дар бораи лоиҳа, раванди ҷудокунии қитъаи замин, раванди озмунҳо ва вақти эҳтимолии оғози корҳо иттилоот дода шуда, инчунин дар байни онҳо брошюраҳои иттилоотӣ оид ба лоиҳа, ки дар он маълумоти муфассал оид ба имтиёзҳои вобаста ба лоиҳа, қарорҳои ҳукумат оид ба  рӯзҳои қатъи хизматрасонӣ, мактуби ВН оид ба таъсиси МҚБШ ва маълумот оид ба тартиботи МҚБШ оварда шудааст, тақсим карда шуд. Илова ба ин, маълумот дар бораи лоиҳа дар рӯзномаҳои маҳаллӣ нашр гардид, дар барномаҳои шабакаи якуми телевизион пахш гардид ва ба ду ҳукумати маҳаллӣ ва ҳафт ҷамоат ирсол дода шуд. Маълумот дар ҳар як машварат дар деҳаҳои лоиҳа ва дар вохӯриҳо бо намояндагони ҷамоат ва ҳукуматҳои маҳаллӣ такроран зикр гардид.

Пас аз машваратҳо бо шахсони кӯчонидашуда ва гурӯҳи васеи ҷомеа дар ҳукумат ва ҷамоатҳои минтақаи лоиҳа, муҳокимаҳои фокус-группа (МФГ) бо иштироки занон гузаронида шуд. Аз сабаби он, ки дар машваратҳо шумораи маҳдуди занҳо иштирок карданд ва доир намудани МФГ дар баъзе ҳукумат ва ҷамоатҳо аз имконият берун буд, чор МФГ бо иштироки 30 нафар иштирокчиён гузаронида  шуд. Мақсади асосии муҳокимаҳои фокус-группа бо иштироки занони маҳаллӣ додани имконият ба занҳо барои ифодаи фикру ақида, масъалаҳои нигароникунанда ва пешниҳодҳо дар муҳити нисбатан сарҷамъ ва дӯстона буд.

Дар умум, иштирокчиён дар рафти машваратҳо дастгирии худро нисбати лоиҳа изҳор намуданд. Саволу пешниҳодҳои иштирокчиён дар рафти машваратҳо бисёртар вобаста ба ҷуброн, авло донистани замин ба ивази замин, бехатарии хонандагони мактаб ва гузаштани чорво буд. Иштирокчиён инчунин фикри худро оид ба таъсири манфии лоиҳаи пешниҳодшуда ифода намуданд. Масъалаи асосие, ки онҳоро нигарон кардааст, вобаста ба иваз кардани ҷой, ҷуброн дар намуди замин ба ҷои замин ва ҷараёну мӯҳлатҳои ҷуброни пулӣ барои талафот буд. Иштирокчиён пешниҳодҳои худро вобаста ба он, ки кадом масъалаҳо бояд ҳангоми банақшагирии лоиҳа ва тарҳрезии роҳ ба инобат гирифта шавад, ифода намуданд, ки он аз ҷумла вобаста ба ҷабҳаҳои зерин буд: гузаргоҳҳои бехатар барои одамон ва чорво, ҷубро ва имконияти шуғл.

Ба ғайр аз муқаррароти Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба хабардоркунии расмӣ, дигар талаботе нест, ки мутобиқи он бояд Ҳукумат бо шахсони кӯчонидашуда тарҳи лоиҳа ё вариантҳои имконпазири кӯчонидани аҳолиро ҳангоми чудокунии замин муҳокима кунад. Новобаста аз ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо (ҳукумат ва ҷамоатҳо) дар байни аҳолии маҳаллӣ тамоми маълумоти зарурии дар шакли фармон ё қарори вобаста ба лоиҳа баровардашударо паҳн намуданд. Илова ба ин, МТЛТР дар ҳамоҳангсозии ифшои маълумот дар сатҳи маҳаллӣ нақши пешсаф бозида, бо аҳолии маҳаллӣ мутобиқи талаботи ташкилотҳои байналмиллалии молиявӣ машваратҳо мегузаронад.

**МТЛТР ВН пас аз гузаронидани машваратҳо дар ҷодаи БТМЗ ҳисоботи мухтасаре (ҷадвал) оид ба фикру ақидаи иловагӣ дар бораи чорабиниҳои мазкур пешниҳод мекунад ва дар натиҷа ба НШҶМ-и мазкур мутаносибан тағйиру иловаҳо ворид карда мешаваад.**

## 5.2 ВОХӮРИҲО БО ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР ДАР РАФТИ БАҲОДИҲӢ

Дастаи мутахассисони Ташкилоти "WSP" оид ба масоили иҷтимоӣ моҳи марти соли 2018 сафаре анҷом доданд, ки дар доираи он бо баъзе истиқоматкунандагони деҳаи Дегай дар ҷамоати Комсомолобод машваратҳо гузарониданд. Мардум нисбати лоиҳа назари мусбӣ ифода намуданд, ки он ба корҳои қаблии аз моҳи сентябр то ноябри соли 2018 гузаронидашуда мувофиқат мекард. Маълумоти мухтасар оид ба нуқтаҳои калидие, ки дар дигар вохӯриву мусоҳибаҳо бо ҷонибҳои манфиатдор ва мушоҳидаҳои соли 2018 дарҷ гардида буданд, дар Замимаи 2 оварда шудааст.

# 6 БАРНОМАИ ШОМИЛСОЗИИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР

## 6.1 ИФШОИ МАЪЛУМОТ

Намудҳои маълумоте, ки бояд ифшо шавад ва роҳҳои пешниҳоди маълумот, ки бояд аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дар доираи лоиҳаи мазкур истифода шавад, дар Барномаи шомилсозии ҷонибҳои манфиатдор дар ҷадвали 5 оварда шудааст. Мақсади паҳнсозии маълумот ба шахсони беруна ин таъмин намудани ҳамкории бардавом бо мардуми таъсирдида ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ва хабардор намудани онҳо оид ба намудҳои фаъолият, иҷрои корҳо, таҳия ва амалисозии лоиҳа мебошад. Маълумоте, ки ба ҷомеа ифшо карда мешавад, дар асоси Сиёсати БАТР оид ба паҳн намудани маълумот дар байни ҷомеа ва Талаботи аввалиндараҷаи № 10, Сиёсати БОСРИ оид ба паҳни маълумот дар байни ҷомеа, Сиёсати БОР оид ба пешниҳоди маълумот ба ҷомеа ва қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон идора карда мешавад.

## 6.2 МАШВАРАТ БО ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР ВА ИФШОИ МАЪЛУМОТ

Дар доираи машварат бо ҷонибҳои манфиатдор ва ифшои маълумот вазифаҳои зерин иҷро карда мешавад:

- Саривақт ифшо намудани маълумот оид ба лоиҳа дар байни ҷонибҳои манфиатдори калидӣ. Маълумот оид ба лоиҳа дар ҷамоатҳои маҳаллӣ дастрас гардида, тавассути раисони деҳаҳо ва дар марказҳои ҷамъиятӣ ба монанди масҷид, мактаб, марказҳои тиббӣ, бозору мағозаҳои маҳаллӣ ва ғайра дар минтақаҳои зерин паҳн карда мешавад:

  - Ҷамоати Обигарм<br>Ному насаб: Ширинзода Салима<br>Вазифа: Раиси ҷамоати Обигарм<br>Телефон: 93 447 58 60

  - Ҷамоати Ҳакимӣ<br>Ному насаб: Розиқов Мирзохалил<br>Вазифа: Раиси ҷамоати Ҳакимӣ<br>Телефон: 900029610

  - Ҷамоати Муҷиҳарф<br>Ному насаб: Розиев Зинатулло<br>Вазифа: Раиси ҷамоати Муҷиҳарф<br>Телефон: 98 551 52 57

  - шаҳраки Нуробод<br>Ному насаб: Бобиев Қумиддин<br>Вазифа: Раиси ҷамоати Дарбанд<br>Телефон: 918 85 54 38

- Иштирок тавассути гирифтани маълумот ва машваратҳои дуҷонибаи муҳим бо ҷонибҳои манфиатдори таъсирдида.
- Таҳия ва татбиқи механизми қабул ва баррасии шикоят бо мақсади таъмини ҳалли мушкилот ва масъалаҳои нигаронкунандаи ҷонибҳои манфиатдори таъсирдида.

### 6.2.1 ЧОРАБИНИҲО ОИД БА ИФШОИ МАЪЛУМОТ

МТЛТР ВН маълумоти дахлдорро оид ба корҳои сармоягузорӣ дар марҳалаи аввали лоиҳа ҳангоми таҳияи тарҳи муфассал ва минбаъд дар рафти татбиқи лоиҳа ифшо хоҳад намуд. Дар марҳалаи мазкур бо мақсади таъмини муоширати самаранок бо ҷонибҳои манфиатдор ҳуҷҷатҳои зерин ифшо карда мешаванд:

- § Ҳуҷҷат оид ба баҳодиҳии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ (БТЭИ)
- § Ҳуҷҷат оид ба баҳодиҳии иҷтимоӣ ва гендерӣ;
- § Маълумоти мухтасар оид ба корҳои ғайритехникӣ (МКҒ)
- § Нақшаи шомилсозии ҷонибҳои манфиатдор (НШҶМ)
- § Нақшаи ҷудокунии замин ҳангоми кӯчонидани аҳолӣ (НҶЗКА)
- § Нақшаи идоракунии вазъияти экологӣ ва иҷтимоӣ (НИВЭИ)
- § Нақшаи амал оид ба масоили экологӣ ва иҷтимоӣ (НАМЭИ)
- § Дар брошюра/варақаҳои иттилоотӣ бояд дар бораи чорабиниҳои лоиҳа, аз ҷумла замони қатъи эҳтимолӣ ва маҳдудияти дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва хатарҳои калидии ба лоиҳа алоқаманд маълумот ворид карда шавад.

Тамоми ҳуҷҷатҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ дастрас гардида, илова ба ин НШҶМ, МКҒ ва НҶЗКА бо забони тоҷикӣ дастрас мегарданд.

Маълумоти болозикр барои ҷомеа, аз ҷумла ҷомеаҳои таъсирдида дар давоми татбиқи лоиҳа дастрас хоҳад буд. Нусхаҳои чопкардашудаи ҳуҷҷатҳои дахлдор дар идораи ВН дар ошёнаи 5-и Вазорат воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Айни 14 ва ба тариқи онлайн дар www.ebrd.com ва www.mintrans.tj.

Маълумот оид ба лоиҳа, аз ҷумла дар бораи ҷойҳои кори холӣ, дар тахтаҳои иттилоотӣ дар марказҳои деҳаҳо ҷой карда шуда, дар васоити ахбори омма эълон дода мешавад Рӯзномаҳои маҳаллӣ барои нашри маълумот оид ба Лоиҳа ва эълони ҷойҳои кории холӣ истифода мешавад. Брошюраҳо/варақаҳои иттилоотӣ/лифофаҳои дорои маълумоти асосӣ оид ба лоиҳа ва маълумот барои тамос инчунин бо мақсади хабардор карда истодани аҳолӣ оид ба пешравии лоиҳа ва марҳалаҳои татбиқи он нашр мегардад.

Нусхаҳои чопкардашуда бояд дар аввали давраи ифшои маълумот дастрас карда шавад.

## 6.3 МЕТОДҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШВАРАТ

Методу механизмҳои асосии пешниҳоди маълумот, ки барои машварат бо ҷонибҳои манфиатдори калидӣ истифода мешавад, дар ҷадвали 4 ба таври муфассал зикр гардида, тавсияҳои иловагӣ дар зер оварда шудааст.

### 6.3.1 МАШВАРАТ БО ШАХСОНИ ТАЪСИРДИДА ВА ГУРӮҲҲОИ ОСЕБПАЗИР

Тавсия дода мешавад, ки пеш аз оғози марҳалаи сохтмони лоиҳа бо шахсони таъсирдида ва гурӯҳҳои осебпазир якчанд машваратҳо гузаронида шавад.

Вохӯриҳои минбаъда бо аҳолии дар қади роҳҳои дастрасӣ ба сохтмон истиқоматкунанда ба нақша гирифта шудааст.

Ҳукумат ва ҷамоатҳо дар минтақаҳои таъсирдида дар ҷодаи машварат бо ҷомеаҳои таъсирдида нақши муҳим хоҳанд бозид. Маълумоти пешакӣ ва хабарномаҳо пеш аз оғози корҳои сохтмонӣ ба ҷомеа пешкаш карда мешавад.

Ҷузъиёти вохӯриҳои минбаъдаи машваратӣ ҳоло омода нест, ҷузъиёти мазкур минбаъд ба НШҶМ-и мазкур паз аз он, ки маълум мешавад, илова карда мешавад.

Вохӯриҳои хоса бо занҳо (Бахши 6.3.2) агар имконпазир бошад, таҳти роҳбарии занҳо бояд гузаронида шавад. Барои таъмини иштирок бояд пешакӣ ба онҳо хабар дода шавад ва занҳоро бояд хабардор намуд, ки ҳангоми зарурат метавонанд бо кӯдакони худ биёянд. Барои шахсоне,

ки ҷиҳати иштирок барои сафар имконият надоранд, масалан шахсони калонсол, занҳои ҳомиладор ва шахсони маъюб нақлиёти ёрирасон бояд таъмин карда шавад. Ҳангоми вохӯриҳои хоса бо занҳо бояд дар бораи ҷалби ШКЗО дар сатҳи ноҳия зикр карда шавад (Дар замимаи 1 маълумот барои тамос пешниҳод шудааст).

Дар муҳокимаҳо бо намояндагони ЮНИСЕФ дар бораи зарурати тақвияти раванди амалисозии лоиҳа бо дарназардошти омилҳои гендерӣ таъкид карда шуда, онҳо тавсия доданд, ки ба ҷавонон ва наврасон аз ҳисоби духтарон диққати хоса дода шавад, зеро онҳо ниёзҳои хоса ва фарққунанда доранд. Намояндагони ЮНИСЕФ инчунин пешниҳод намуданд, ки ҷиҳати ҳалли масоили осебпазирии вобаста ба омилҳои гендерӣ бо духтаракон машваратҳо гузаронида шуда, фикру ақидаи онҳо оид ба тарҳрезӣ ва амалисозии лоиҳа гирифта шавад. МТЛТР ҷиҳати амалисозии тавсияҳои мазкур дар давоми татбиқи лоиҳа чораҳои зарурӣ меандешад.

Маълумоти иловагӣ барои тамос бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Замимаи 1 оварда шудааст.

### 6.3.2 МУҲОКИМАҲОИ ФОКУС-ГРУППА

Бо гурӯҳҳои осебпазири муайяншуда ба монанди шахсони маъюб, занҳо, истифодабарандагони ғайриқонунии замин ва баҳрабарандагони кӯмаки иҷтимоӣ муҳокимаҳои хоса дар шакли фокус-группа гузаронида мешавад. Бо мақсади баррасии масоили бехатарии роҳ, ҷойгиршавии лагерҳо, бехатарии мактаб ва хонандагон, ёдгориҳои таърихӣ ва идоракунии ҳаракат дар роҳ гурӯҳҳои дигар аз ҷониби МҲҶ-ҳо ташкил карда мешавад. Барои он, ки ба гурӯҳи мазкур дар бораи таъсири лоиҳа ба таври шаффоф фаҳмонида шавад, забони оддӣ бе истифодаи калимаҳои техникӣ истифода мешавад.

## 6.4 БАРНОМАҲОИ ОЯНДА – МАРҲАЛАИ СОХТМОН

Барномаи пешбинишуда оид ба машваратҳо бо ҷомеа ва чорабиниҳо оид ба ифшои маълумот дар зер оварда шудааст. Барномаи мазкур машварат ва чорабиниҳои ҳамкории фавриеро, ки барои ҳалли масъалаҳои нигаронкунандаи ҷонибҳои манфиатдор зарур аст, инчунин машваратҳои ва чорабиниҳои ҷорӣ оид ба ифшои маълумотро барои тамоми давраи татбиқи лоиҳа фаро мегирад.

Маълумот барои тамос ва шахсони масъул барои татбиқи НШҶМ:

| | |
|---|---|
| Ному насаб: | ТАВАРОВ СУЛАЙМОН |
| Вазифа: | Сармутахассис оид ба кӯчонидани аҳолӣ дар МТЛТР |
| Телефон: | +992 904 22 4711 |
| Суроға: | Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айни 14, ошёнаи 4 |
| Почтаи эл: | pirrr@tojikiston.com |
| Сомона: | www.mintrans.tj |

Илова ба ин, пудратчӣ вазифадор карда мешавад, ки дар доираи шартномаи худ Нақшаи худро оид ба идоракунии масоили экологӣ ва иҷтимоӣ таҳия намуда, дар он дар қатори масоили дигар масъалаҳои зеринро ворид намояд

- Механизми қабул ва баррасии шикоятҳо
- Тахтаҳои иттилоотӣ барои ифшои маълумот оид ба лоиҳа
- Нақшаи идоракунии ҳаракат дар роҳ
- Механизми машваратҳои минбаъда ва хабардоркунии пешакӣ вобаста ба корҳои сохтмони лоиҳа, ки дар барномаи пудратчӣ оид ба идоракунии масоили экологӣ ва иҷтимоӣ инъикос гардидааст; **ишоранома ба Барномаи пудратчӣ оид ба ИМЭИ пас аз он, ки пешниҳод мешавад, илова карда мешавад.**

Ҳукумат/ҷамоатҳо ва МҲҶ-ҳо ҳама гуна эзоҳҳоро ҷамъ намуда, фикру ақидаи худро пешниҳод мекунанд ва ҳамаи инро инъикос мекунанд.

Тамоми шарҳу эзоҳҳои қабулгардида мутобиқи ӯҳдадориҳо дар асоси "Таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ" чи тавне, ки дар қисмати "Талабот" дар бахши 3.4 зикр гардидааст, баррасӣ карда мешавад. Тамоми муросилот аз нуқтаи назари татбиқпазирӣ бо мақсади ворид намудани тағъирот ҷиҳати қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдор аз назар гузаронида шуда, ба муроҷиаткунандагон дар бораи натиҷаи баррасӣ маълумот дода мешавад.

Барномаи шомилсозии ҷонибҳои манфиатдор дар ҷадвали 5 ба таври муфассал оварда шудааст.

**Барномаи ифшои маълумот оид ба БТЭИ (вохӯриҳо бо ҷомеа) бояд мувофиқа гардида, бо ҷараёни БТМЗ дар сатҳи ҷумҳурӣ бо нишондоди сана/макон/ки иштирок мекунад /чи гуна вохӯрӣ (аз ҷумла вохӯриҳо бо иштироки танҳо занҳо ва гурӯҳҳои осебпазир) тарғиб карда мешавад, ҳамоҳанг карда шавад..**

**Воситаҳои ифшои маълумот тасдиқ карда мешавад, масалан, сомонаи ВН, ТВ/Радио.**

**Ҷадвали 5: Барномаи ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор дар оянда**

| Фаъолият | Ҷонибҳои манфиатдор | Маводҳои иттилоотӣ / методҳои пешниҳоди маълумот | Маълумот барои ифшо | Мӯҳлат / Фосила | Шахси масъул | Макон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Таъин намудани як нафар МҲҶ-и Лоиҳа дар минтақа дар доираи ҳар як шартнома | Шахсони таъсирдида, истиқоматкунандагон ва кормандони хоҷагиҳои деҳқонӣ ва деҳаҳо | Тахтаҳои иттилоотӣ тавассути қуттиҳои почта, ташрифҳои шахсӣ, вохӯриҳо бо ҷомеа. | МТҒ, механизми қабул ва баррасии шикоят, маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ, БТМЗ, воситаҳои иловагии БТЭИ, НШҶМ, БАМЭИ, мӯҳлати сохтмон, минтақаи ҷойгиршавии бошишгоҳҳои сохтмонӣ, гузаргоҳҳои зеризаминӣ, ва карьерҳои нави эҳтимолӣ (агар чунин бошад) | фаврӣ | МТЛТР ВН | Дар минтақаи лоиҳа |
| Таъмин намудани нусхаҳои чопкардашудаи НШҶМ ва брошюра/варақаҳои иттилоотӣ оид ба лоиҳа дар саридораи ВН дар Душанбе ва идораи ҷамоатҳо | Ҷомеаҳои таъсирдида дар деҳаҳои Бозорак, Қандак, Шоҳи Аслон, Ҷавчии поён, Садоқат, Лайрон, Сияҳгулак, Чепак, Мучиҳарфи калон, Дегай, Тутхор, Тегермӣ, Пандовчӣ, Деҳи таг, Улфатобод, Гулмон ва Навобод. | Тахтаҳои иттилоотӣ, ВАО, интернет, ҳуҷҷатҳо, вохӯриҳои рӯ ба рӯ дар ҷамоатҳо | МТҒ, механизми қабул ва баррасии шикоят, маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ, БТМЗ, ҳуҷҷатҳои иловагии БТЭИ, НШҶМ, БАМЭИ, мӯҳлати сохтмон, минтақаи ҷойгиршавии бошишгоҳҳои сохтмонӣ, гузаргоҳҳои зеризаминӣ, ва карьерҳои нави | фаврӣ | МҲҶ-ҳои Лоиҳа | Саридораи ВН ва идораи ҷамоатҳо |

| Фаъолият | Ҷонибҳои манфиатдор | Маводҳои иттилоотӣ / методҳои пешниҳоди маълумот | Маълумот барои ифшо | Мӯҳлат / Фосила | Шахси масъул | Макон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | эҳтимолӣ (агар чунин бошад) | | | |
| Бастаи ҳуҷҷатҳо оид ба ишфои маълумот дар бораи БТЭИ | Ҷомеаҳои таъсирдида – деҳаҳои стратегӣ | Бастаи ҳуҷҷатҳои БТЭИ дар маҳалҳои зерин ифшо карда мешавад:<br>§ Ҷамоати Обигарм<br>§ Ҷамоати Ҳакимӣ<br>§ Ҷамоати Муҷиҳарф<br>§ шаҳри Нуробод | БТЭИ, НҶЗКА, МТҒ, НШҶМ, БАМЭИ, брошюра/варақаҳои иттилоотӣ оид ба лоиҳа | Фаврӣ | МҲҶ-ҳои Лоиҳа | Саридораи ВН ва идораи ҷамоатҳо |
| Пешниҳоди маълумот оид ба лоиҳа ва ҷойҳои кории холии эҳтимолӣ | Аҳолии минтақа | Рӯзнома,радио, интернет, марказҳои маҳаллӣ; ба монанди масҷид, мактаб, бозорҳои маҳаллӣ ва ғ | МТҒ, механизми қабул ва баррасии шикоят, маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ | То оғози сохтмон | МТЛТР ВН | Саридораи ВН ва идораи ҷамоатҳо |
| Баррасӣ ва муҳокимаи талаботи мониторинги таъсири Лоиҳа ба муҳити зист бо Кумитаи ҳифзи муҳити зист | Аҳолии минтақа | Телефон, почтаи электронӣ, вохӯриҳои рӯ ба рӯ | Маълумоти муфассал оид ба лоиҳа ва МТҒ дар асоси дархост | Марҳалаи истифодабарӣ, минбаъд давомнок | МТЛТР ВН | Идораи Вазорат |
| Машварат ва ҳамкорӣ бо ИҶ-ҳои маҳаллӣ | ИҶ-ҳои маҳаллӣ | телефон,рӯзнома, ҳуҷҷатҳо ва вохӯриҳо аз рӯи зарурат | Маълумоти муфассал оид ба лоиҳа дар бораи МТҒ аз рӯи зарурат, истгоҳҳои автобусҳо, бошишгоҳҳо ва ғ. | давомнок | МТЛТР ВН | идораи ҷамоатҳо |
| Гузаронидани вохӯриҳои мунтазам дар сатҳи | минтақаи деҳа ва ҷамоатҳо | вохӯриҳо, телефон, почтаи электронӣ, тахтаҳои иттилоотӣ | БТМЗ, ҳуҷҷатҳои иловагии БТМЗ, МТҒ, НШҶМ, БАМЭИ, | фаврӣ, сипас ҳар моҳ як маротиба | МҲҶ-ҳои Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо ҳукумат ва | Идораи ҷамоатҳо, ҷойҳои вохӯрии ҷамъиятӣ (масҷиди |

| Фаъолият | Ҷонибҳои манфиатдор | Маводҳои иттилоотӣ / методҳои пешниҳоди маълумот | Маълумот барои ифшо | Мӯҳлат / Фосила | Шахси масъул | Макон |
|---|---|---|---|---|---|---|
| минтақаҳои аҳолинишин дар назди мавзеи сохтмон | | дар бинои ҷамоатҳо, вохӯриҳои ҷамъиятӣ | маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ, истгоҳҳои автобус ва ғ. | | ҷамоатҳо дар маҳал | деҳа), агар зарур шавад |
| Пешниҳоди маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ ва ҳуқуқи кормандон | Коргарони сохтмон | Тахтаҳои иттилоотӣ and meetings in construction camp canteen | Маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ, тартиботи ба кор қабул кардани кормандон ва ғ. | Дар давоми татбиқи лоиҳа | МТЛТР ВН | Бошишгоҳҳо ва идораҳо |
| Мусоидат ба доир намудани фокус-группаҳо ва семинарҳо барои гурӯҳҳои осебпазири таъсирдида, хонаводаҳои назди минтақаи сохтмон, истифодабарандагони ғайриқонунии замин, занҳо, шахсони маъюб, нафақахӯрон оид ба таъсири лоиҳа | Гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумл истифодабарандагони ғайриқонунии замин, хонаводаҳои назди минтақаи сохтмон ва занон | Семинарҳо бо иштироки бевосита, радио, мизҳои мудаввар | НШҶМ, МТҒ, муаррифии маводҳо дар байни гурӯҳҳои осебпазир | То оғози сохтмон /марҳалаи азнавсозӣ ва дар давоми фаъолияти лоиҳа | МҲҶ-ҳои Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо ҳукумат | Марказҳои ҷамъиятии деҳаҳо ё идораи ҷамоатҳо |
| Барномаи баландбардории маърифатнокӣ оид ба сохтмони ҷамъиятӣ ва бехатарии роҳ | чӯпонҳо барои ташкили гузаштани чорво, инчунин кӯдакон | Истифодаи шахсоне, ки бо байрақча танзим мекунанд, огоҳонии пешакӣ. Омӯзиш дар мактабҳо оид ба бехатарии харакат дар роҳ. | НШҶМ, МҒТ, Брошюраи иттилоотӣ оид ба лоиҳа барои гурӯҳҳои осебпазир | То оғози сохтмон ва истифодабарӣ | Пудратчӣ | Марказҳои деҳаҳо ё идораи ҷамоатҳо |
| Мусоидат ба ташкили муҳокимаҳои фокус-группа дар байни хешовандони ҷабрдидагони садамаҳои нақлиётӣ, хусусан вобаста ба | Аъзои оила/хешовандони ҷабрдидаҳои садамаҳои роҳ, ки қабри онҳо дар | Вохӯриҳо, ташрифҳои инфиродӣ, телефон, почтаи электронӣ | НШҶМ, Маълумоти мухтасар оид ба корҳои ғайритехникӣ | То оғози сохтмон ва дар давоми фаъолияти лоиҳа | МҲҶ-ҳои Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо ҳукумат ва ҷамоатҳо | Марказҳои деҳаҳо ё идораи ҷамоатҳо |

| **Фаъолият** | **Ҷонибҳои манфиатдор** | **Маводҳои иттилоотӣ / методҳои пешниҳоди маълумот** | **Маълумот барои ифшо** | **Мӯҳлат / Фосила** | **Шахси масъул** | **Макон** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҳама гуна қабрҳои мавҷуда, ки ҳоло ҳам нигоҳубин карда мешавад ва мардум ба аёдат меоянд. | масофаи 40-50м дуртар аз сарҳади минтақаи сохтмони роҳ воқеъ аст | | | | | |
| Мунтазам гузаронидани машваратҳо бо иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеа оид ба тарғиби ҳуқуқ ба меҳнат ва пешниҳоди имконияти шуғл ба мардуми маҳаллӣ ва ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ | Таъминкунандагони молу хизматрасониҳо | Тахтаҳои иттилоотӣ | МҒТ, ҳуҷҷат ва натиҷаҳои озмун, ҷараёни интихоби пудратчӣ, талаботи харид вобаста ба МЗТБ ва талабот оид ба ҳифзи кормандон, механизми қабул ва баррасии шикоятҳо | То оғози марҳалаи сохтмон ва ба таври доимӣ | МҲҶ-ҳои Лоиҳа дар ҳамкорӣ бо Шӯъбаи кадрҳои ВН ва Иттифоқҳои касаба (агар таъсис дода шавад) | Идораи ҷамоатҳо |

# 7 НАҚШУ ВАЗИФАҲО ОИД БА ҲИСОБОТДИҲӢ

## 7.1 МЕХАНИЗМИ МОНИТОРИНГ, ҲИСОБОТДИҲӢ ВА ПЕШНИҲОДИ ФИКРУ АҚИДА

Барои мониторинги солонаи амалисозии Нақшаи амал оид ба масоилии экологӣ ва иҷтимоӣ мушовирони озод ҷалб карда мешавад, ки онҳо инчунин бояд мониторинги солонаи амалисозии НШҶМ, аз ҷумла татбиқи механизми қабул ва баррасии шикоятҳоро гузаронанд. Ба ин санҷида дидани ҳуҷҷатгузорӣ оид ба вохӯриҳо бо ҷомеа, ифшои маълумот, васоити ахбори омма ва дигар намудҳои вохӯриҳо бо ҷонибҳои манфиатдор, ки дар доираи НШҶМ гузаронида мешавад, дохил мешавад.

Илова ба ин, ВН вазифадор мешавад, ки ба таври мустақил дар назди БАТР ва Ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ дар доираи шартнома оид ба фаъолияти лоиҳа дар ҷодаи муҳити зист, тандурустӣ, бехатарӣ ва масоили иҷтимоӣ ҳисобот диҳад. Шакли ҳисобот бо ТБМ ҳангоми мувофиқасозии шартнома мувофиқа карда мешавад.

# 8 ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА БАРРАСИИ ШИКОЯТ

## 8.1 МЕХАНИЗМИ ҚАБУЛ ВА БАРРАСИИ ШИКОЯТ

Ҷамоатҳо ва МҲҶ-ҳо воситаҳои иртиботӣ, ба монанди расонаҳои хабарӣ, мулоқотҳои рӯ ба рӯ ва вохӯриҳои давриро мониторинг менамоянд ва ба таври бояду шояд фикру андешаҳояшонро пешниҳод мекунанд. Китоби кушода барои ҷонибҳои манфиатдоре, ки дар маҷлисҳои машваратӣ бо ҷомеа иштирок менамоянд ва дар идораҳои ҷамоатҳо барои сабт намудани шарҳу эродҳо ҳам ба таври беном ва ҳам бо дарҷ намудани маълумот барои тамос, дастрас хоҳад буд. Китоби мазкур дар як макони ба назар намоён ҷойгир карда мешавад, аммо ин макон бояд ҷое бошад, ки таҳти назорати кормандон қарор надошта бошад (масалан, дар назди дари баромадгоҳ). Ҳукуматҳо, ҷамоатҳо ва МҲҶ-ҳо ин маълумотро тарзе сабт мекунанд, ки посух ва андешаҳои бозпасро метавон ба он ҷонибҳои манфиатдоре пешниҳод сохт, ки маълумоти тамосашонро таъмин намудаанд. Ба шахсоне, ки шарҳу эродҳоро сабт менамоянд бояд возеҳ фаҳмонида шавад, ки ба шарҳу эродҳои беном (анонимӣ) ҷавоб гардонида намешавад.

Мутобиқи қонунгузорӣ ва сохтори маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, норозигиҳо тавассути механизми шикоят дар Ҳукумат/Ҷамоатҳо ё ариза ба суд ҳал карда мешаванд. Шахсони расмии дахлдор барои пешниҳод ва ҳал кардани арзу шикоятҳои даъвогарон ва ҷомеа кумак намоянд ба чунин вазифаҳо таъйин карда шудаанд.

Тартиботи пеш овардани арзу шикоятҳои марбут ба Лоиҳа бояд механизми самарабахш ва доимоамалкунандае таъмин намояд, то Лоиҳа ба саволҳо ҷавоб гӯяд, фикру андешаҳои худро доир ба арзу шикоятҳои шахсоне, ки манфиатҳояшон халалдор шудаанд, дигар ҷонибҳои манфиатдор ва ҷомеа пешниҳод карда шаванд.

**Сатҳ ва тартиботи механизми қабул ва баррасии арзу шикоятҳо**

Механизми қабул ва баррасии шикоятҳо (МҚБШ) барои он ҷонибҳое дастрас аст, ки дар минтақаи фарогири фаъолиятҳои Лоиҳа зиндагӣ ё кор мекунанд. Ҳар як нафаре, ки зарар дидааст ва аз фаъолияти Лоиҳа нигаронӣ дорад, барои иштирок намудан дар МҚБШ ҳақ дорад, ба он бояд дастрасии осон дошта бошад ва барои истифода аз он кумак гирад. МҚБШ-и пешниҳодшаванда механизми давлатии баррасӣ кардани арзу шикоятҳо ва мунoқишаҳоро, ки системаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, иваз наменамояд, балки саъй менамояд то истифода аз суд то ҳадди имкон кам карда шавад.

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд роҳҳои гуногуни пеш овардани арзу шикоятҳо дар поён таъкид шудааст, вале бо ҳамаи арзу шикоятҳо бо ҳамон як шева сару кор гирифта мешавад ва ин раванд дар ҳамаи муносбатҳо яксон сурат мегирад.

Масъулияти умумӣ ҷиҳати амалигардонии саривақтии МҚБШ ба дӯши МТЛТР ВН вогузор аст. Ҳукуматҳо ва ҷамоатҳои дахлдоре, ки тибқи қонун иҷозат доранд, то вазифаҳои ба арзу шикоятҳо вобастаро иҷро кунанд ва инчунин миёнаравон/иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (ИҶ), ки дар ташвиқсозии ба таври рафиқона ҳал кардани шикоятҳо ҷалб гаштаанд, шомили МҚБШ мебошанд.

Вазорати нақлиёт таъсисдиҳӣ ва рушди Механизми қабул ва баррасии шикоятҳоро дар сатҳи ҷамоат талаб менамояд. Комиссияи қабул ва баррасии шикоятҳо (КҚБШ) дар сатҳи ҳар як деҳаи таҳти фарогирии лоиҳа қарордошта таъсис ёфта, дар ин сатҳ 17 КҚБШ арзи ҳастӣ дорад.

Дар марҳалаи аввал, саъю кушиш карда мешавад, то арзу шикоятҳо тавассути МАШ дар сатҳи вилоят тавассути қадамҳои зерин ҳал шаванд:

- Арзу шикоятҳоро метавон ба Шахси иртиботӣ дар КҚБШ-и деҳа пешниҳод кард. Шахси иртиботии сатҳи деҳа дар машварат бо мутахассиси МТЛТР шикоятро барои қобили қабул

буданаш дида мебароянд. Агар шикоят қобили қабул бошад, Шахси иртиботӣ қабул ва баррасии шикоятро такшкил мекунад. Намояндагони МТЛТР хабардор ва ба ин мулоқот даъват карда мешаванд. Дар диаграммаи 8, ҷадвали тартиби пешниҳод ва баррасии шикоятҳоро метавон пайдо кард.

- o Варианти пешниҳод кардани арзу шикояти анонимӣ ба даъвогарон бояд бо истифода аз формаи арзу шикояти давлатӣ дастрас бошад (Диаграммаи 9). Ба даъвогарон бояд возеҳу равшан фаҳмонида шавад, ки дар мавриди шикоятҳои беном ҷавоб гардонидан имкон надорад.

§ Шикояти дар Механизми қабул ва баррасии шикоятҳо сабтшуда бояд баррасӣ гардад (бо мактуб доир ба қабули шикоят/эътирофи шикоят), таърихи рӯз дар журнали арзу шикоятҳо навишта шавад (Замимаи 1). Шикоят ба шахси масъул вобаста карда мешавад, равона мегардад ва дар мавриди мувофиқ будани он ба Лоиҳа дар давоми 14 рӯзи тақвимӣ пас аз сабт шуданаш, қарор қабул мешавад. Агар парванда мураккабу печида бошад ё тафтишоти бештар батафсилро тақозо кунад (масалан, санҷиш аз ҷониби коршиносони техникӣ ё хулосаи ҳуқуқӣ аз ҷониби мақоми давлатӣ ё муассисаи хусусии дорои сертификат), давраи баррасии шикоят, дар ҳолати зарурат, мумкин то 30 рӯзи тақвимӣ ё аз он бештар тамдид шавад. Дар чунин ҳолатҳо, огоҳии хаттӣ ба даъвогар фиристода ва сабабҳои тамдид бо тавсифи раванд фаҳмонида мешавад ва санаи интизорравандаи пешниҳоди натиҷаҳои баррасӣ нишон дода мешавад.

§ Тамоми ҳуҷҷатҳои марбута, ба монанди аксҳо, шаҳодатномаҳои дахлдор ва хулосаҳои ҳуқуқиву коршиносӣ, агар талаб шаванд, бояд омода, баррасӣ ва арзёбӣ карда шаванд. Дар баробари ҳал намудани шикоят, Комиссияи қабул ва баррасии шикоятҳо маҷлиси пӯшидашавии раванди барасии шикоятро ташкил менамояд, ки дар он шикояткунанда пӯшида шудани ин равандро тасдиқ мекунад. Намояндаи МТЛТР ҳалшавии шикоятро назорат мекунад.

§ Ҳамаи саъю талошҳо барои ҳал намудани масъалаҳо дар сатҳи деҳа/Лоиҳа ба харҷ дода мешаванд. Ҳамаи шикоятҳо ва ҳалномаҳо ба таври зарурӣ аз ҷониби МТЛТР ҳуҷҷатгузорӣ шуда барои баррасӣ, мониторинг ва арзёбӣ дастрас карда мешаванд. Мутахассиси бехатарии МТЛТР бо Шахси иртиботии Комиссияи қабул ва баррасии шикоятҳо ба таври мунтазам дар тамос мешавад ва дар мавриди ҳамаи шикоятҳои Лоиҳа пойгоҳи иттилотӣ хоҳад дошт, аз ҷумла дар бораи он ки шикоят дар кадом марҳала қарор дорад. Ин гузориш ба таври мунтазам дар ҳисоботҳои моҳонаи Лоиҳа дохил карда мешавад.

§ Сарфи назар аз Механизми муқарраршуда доир ба шикоятҳо ва тартибот, шахсони беҷошуда ҳақ доранд то дар ҳар марҳалаи ҷараёни қабулу баррасии шикоят, парвандаи худро ба суд супоранд. Барои ҳал намудани масъала дар сатҳи Лоиҳа тамоми саъю кушишҳо тавассути машваратҳои ҷамъиятӣ бо шахсони зарардида ба харҷ дода мешавад. Агар нашавад, пас талош карда мешавад, ки масъала дар сатҳи МТЛТР ҳал гардад, то аз расидани кор то ба суд канораҷӯӣ шавад ё он ба сатҳи ҳадди ақал поён оварда шавад.

